   А: Ман аз Хуҷанд. Шумо донишҷӯед?
   В: Ҳа, ман _____, Шумо чӣ?
   А: Ман донишҷӯ нестам, ман _____.

Машқи 12: Listen, fill in the blanks, and practice.


Лола: Оҳ. _____ дар куҷоянд?
Азиз: Ором шав. Онҳо _____ нестанд?
Лола: Не, нестанд. Онҳо гум шудаанд.
Азиз: Ба фикрам, онҳо ҳоло ҳам _____.
Пешхидмат: Бубахшед, инҳо _____?
Лола: Ҳа, калидҳои ман. Ташаккур!
Азиз: Ана, дидӣ, ҳеҷ гап нест.
Пешхидмат: Ин _____?
Лола: Умм. Не, ҳамёнам _____. Азиз, _____ дар куҷост?
Азиз: Дар кисаам. Э, мебахшед. Истед! Ин _____ аст!

Машқи 13: Listen to the conversation. Put five things from the classroom, your pockets or your bags onto the table. Find the owner of each item.

А: Карим ин қалами туст?
В: Не, қалами ман нест. Ба фикрам, қалами Лола аст.
А: Лола ин қалами туст?
С: Канӣ, бинам. Ҳа, қалами ман аст.



6. ХАТ



Машқи 14: Write the possessive pronouns to complete these conversations. Then practice them

1. **А: Айнаки ман дар куҷост?**
   В: Он дар сумка _____ нест?
   А: Не, дар сумка _____ нест.
   В: Ист. Он дар киса _____ аст?
   А: Ҳа, бале. Ташаккур.

2. **А: Ин қалами Парвиз аст?**
   В: Не, қалами ӯ нест. Қалам _____ дар болои китоб _____ аст.
   А: Бубахшед, ин қалами ман аст?
   В: Не, қалами ту дар рӯи миз _____ аст.
   А: Ҳа, он дар рӯи миз _____ аст. Ташаккур.

Машқи 15: *Кор бо гурӯҳ.* Write five questions about your partner and five questions about your partner's best friend. Take turns asking and answering each other's questions.

Your partner	*Your partner's best friend*
Шумо аз куҷоед?	*Дӯсти беҳтарини Шумо кист?*

НАМУНА





Машқи 16: Complete the conversations with question words. Then practice with a partner.

А: Бубин, вай кист?
В: Ҳа, вай донишҷӯи нав аст.
А: _____
В: Ба фикрам, номаш Ардашери Доропур аст.
А: Ардашери Доропур? _____
В: Ӯ аз Эрон аст.

А: Ҷон, _____
В: Ман аз Амрикоям, аз Чикаго.
А: _____
В: Чикаго хеле зебо аст.

А: Салом Ҷасур. _____
В: Ташаккур. Ман хубам. Дӯстам Мишел меҳмони ман аст
А: Мишел? Ман ӯро намешиносам _____.
В: Ӯ донишҷӯ аст. Ӯ аз Фаронса аст.
А: _____
В: Ҳа, ӯ хеле шӯх аст.

7. ТАМОШО КУНЕД!



Машқи 17: A. Watch the video and guess what the people are talking about. Tell the class what you think.

B. Watch the video one more time and check the correct answers.

1. He is from Pakistan	☐ *true*	☐ *false*
2. He is a student	☐ *true*	☐ *false*
3. He is a sportsman	☐ *true*	☐ *false*

C. Work with a partner. Create a similar dialogue and act it out.



В. МИЛЛАТҲО B. NATIONALITIES

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: Listen and practice.



Машқи 2: Read the names of the famous people below. Compare the names of their nationalities and their native countries.

Антонио Бандерас	испанӣ	Испания
Марта Стюарт	амрикойӣ	Амрико
Алберт Энштейн	олмонӣ	Олмон
Маҳатма Гандӣ	ҳинду	Ҳиндустон
Никол Кидман	австралиягӣ	Австралия
Исаак Ньютон	англис	Англия
Арасту	юнонӣ	Юнон
Чайковский	рус	Россия

2. ГУФТУГӮ

Машқи 3: ***Шумо аз куҷоед?*** Practice the following dialogue.

А: Салом. Шумо хубед?
В: Салом. Ташаккур. Шумо чӣ хел?
А: Ташаккур. Ман ҳам хубам.
В: Шумо аз куҷоед?
А: Ман аз Тоҷикистон. Ман тоҷикам. Шумо чӣ?
В: Ман аз Амрико. Ман амрикоиям.

Машқи 4: Listen, fill in the blanks, and practice the following dialogue.

Ҷон: Лола, Шумо аз куҷоед?
Лола: Ман _____. Шумо чӣ?
Ҷон: Оилаи ман дар Амрико аст, вале мо _____ _____.
Лола: Аз Лондон? Ман дар Лондон будам. Он шаҳри хеле зебо аст.
Ҷон: Не, падарам _____. Ӯ инглис аст. Модарам аз _____. Шумо аз кадом шаҳред?
Лола: Ман аз шаҳри Душанбе. Ин шаҳр _____ _____ аст.
Ҷон: Душанбе шаҳри калон аст?
Лола: Не, _____, вале хеле зебо аст.



3. ДАСТУР

Машқи 5: Look at the chart below and try to determine how the names of nationalities are formed in Tajiki:

мамлакат	миллат
Амрико	америкоӣ
Англия	инглис /англис
Япония	японӣ
Тоҷикистон	тоҷик
Қазоқистон	қазоқ
Туркманистон	туркман
Белгия	белгиягӣ
Ҳолландия	ҳолландӣ
Шотландия	шотландӣ
Бразилия	бразилӣ
Олмон	олмонӣ, немис

Машқи 6: Now, based on what you figured out, write the names of the nationalities for the following countries:

мамлакат	миллат
Португалия	_____
Ҳиндустон	_____
Афғонистон	_____
Ҳабашистон	_____
Муғулистон	_____
Канада	_____
Мексико	_____
Арманистон	_____
Бразилия	_____
Татаристон	_____

3.1. SUFFIX -ИСТОН

The suffix **-истон** means "land of . . ." or "place of many. . ." It is used to form the names of many countries. If a country's name ends in a vowel the **и** of **-истон** is omitted. In order to find out the nationality of a country formed with the suffix **-истон**, just omit *it*:

Маҷористон > маҷор, **Курдистон > курд,**
Ӯйғуристон > ӯйғур, **Ҳиндустон > ҳинду**





3.2. SUFFIX -Ӣ

The suffix **-ӣ** is very active in Tajiki. It forms abstract nouns from adjectives and adjectives from nouns:

хуб 'good > **хубӣ** 'goodness'
китоб 'book' > **китобӣ** 'written'

This suffix and its variants (**-гӣ, -вӣ**) are also used to form the name of a nationality from the country's name.
A) If a country's name ends with the vowel **-а**, add **-гӣ**:

Канада > **кандагӣ,** **Панама** > **панамагӣ,**
Мексика > **мексикагӣ**

B) If a country's name ends in **-ия** and has three or more syllables before **-я**, omit **-ия** and add **-ӣ** to form the nationality of that country:

Япония > **японӣ,** **Нидерландия** > **нидерландӣ,**
Испания > **испанӣ,** **Норвегия** > **норвегӣ**

Exceptions:
Англия > **англис/инглис** **Финландия** > **фин**

B) If a country's name has only one or two syllables before **-я**, add **-гӣ** to form the nationality of that country:
Белгия > **белгиягӣ,** **Латвия** > **латвиягӣ,**
Австрия > **австриягӣ**

D) After consonants add **-ӣ**:
Ветнам > **ветнамӣ** **Лаос** > **лаосӣ**
Чин > **чинӣ**

E) After the vowels **о, у** and **ӯ**, add **-йӣ**:
Амрико > **амрикойӣ** **Осиё** > **осиёйӣ**
Перу > **перуйӣ,** **Чорҷӯ** > **чорҷӯйӣ**

3.3 IZOFAT

Izofat is used to connect a noun to any word that modifies it except numbers, demonstratives, the superlative form of adjectives, and a few other words. It consists of **и** following the noun and is always written joined to the noun. It is never stressed; the stress remains on the last syllable of the noun.

3.3.1 ATTRIBUTIVE IZOFAT

Look at the following examples and compare them with English:

китоби нав	'a new book'
марди хуб	'a good man'
зани зебо	'a beautiful woman'
донишҷӯи хаста	'a tired student'

3.3.2 POSSESSIVE IZOFAT

Look at the following examples and compare them with English:

миллати ман	'my nationality'
дарси мо	'our lesson'
кишвари шумо	'your country'
хонаи мард	'the man's home'
китоби Парвиз	'Parviz's book'
духтари бобо	'the old man's daughter'



Машқи 7: ***Шумо аз куҷоед?*** Where are you from?

A. Survey your classmates and fill in the chart below:

Миллати Шумо чист?
Шумо аз куҷоед?

НАМУНА

НОМ	МИЛЛАТ	АЗ КУҶО
Майкл	амрикоӣ	аз Техас

B. Now summarize your survey and report your results to the class:

Майклу Кол амрикоӣанд.
Майкл аз Техас ва Кол аз Монтана аст...

НАМУНА



4. ХОНИШ

Машқи 8: Read and match the questions with their answers, then practice with a partner.

___	1. Шумо ва оилаатон аз Россияед?
___	2. Забони модарии Шумо инглисӣ аст?
___	3. Шумо олмониед?
___	4. Ҷаноби Винфрид аз Белгия аст?
___	5. Модари Шумо аз Амрикост?

a.	Не, ӯ аз Олмон аст.
b.	Не, мо аз Украинаем.
c.	Не, забони модарии ман форсист.
d.	Не, ман юнониям.
e.	Не, ӯ аз Фаронса аст.



5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 9: Listen to the conversation between Salima and Aziz talking about Jay, Olga and Yoko. Check **дуруст** or **нодуруст**.

Н	Д	
___	___	1. Чей аз Ингилистон аст.
___	___	2. Олга аз Россия аст.
___	___	3. Ёко аз Япония аст.

Машқи 10: Complete the conversations, then practice with a partner.



1. **А: Салим, ту ва Баҳром аз Тоҷикистонед?**
   В: Ҳа, мо _____.
   А: Ту аз Душанбеӣ?
   В: Не, _____ Хуҷандам.

2. **А: Леслӣ аз Амрико аст?**
   В: Не, _____ аслан _____ Норвегия _____.
   А: Ӯ аз Осло аст?
   В: Ҳа, вале волидайнаш аслан аз Исландияанд.
   А: Забони модарии ӯ исландӣ аст?
   В: Не, _____ инглисӣ аст.

3. **А: Ӯткир ва Юлдуз аз Қирғизистонанд?**
   В: Не, _____ Ӯзбакистонанд.
   А: Худатон чӣ? Шумо _____?
   В: _____ Олмонам.
   А: Пас, _____ Шумо олмонист?
   В: Бале, _____ аст.

6. ХАТ



Машқи 11: ***Кор бо шарик.*** Write five questions like the following. Ask and answer them with a partner.

НАМУНА **Волидайни Шумо дар Амрикоянд?** Ҳа, онҳо дар Амрикоянд.
Не, онҳо дар Амрико нестанд.

НАМУНА **Шумо ва оилаатон аслан аз Осиёед?** Ҳа.
Не.

Машқи 12: ***Ин одамон аз куҷоянд?*** Where are these people from?



Комрон
(Тоҷикистон)

Чуғлуқ
(Қиргистон)



Нигора
(Ӯзбакистон)





Фурӯзон
(Афғонистон)



Брендсшӣ
(Инглистон)

Student A: Guess where these people are from. Ask student B questions.
Student B: Use the map in the appendix to answer student A's questions.

A: Ҳамид Карзай аз Украина аст?
B: Не, ӯ аз Украина нест.
A: Ӯ аз Афғонистон аст?
B: Ҳа, дуруст.

Машқи 13: Find out the name, place of origin, nationality and telephone number of everyone in your class.

A. List them in the table:

НАМУНА

Ном	Шумо аз куҷоед?	Рақами телефонатон чанд аст?	Миллати Шумо чист?
Карен	аз Юта	334-4763	белгиягӣ

B. Now according to what you have found, are there two people from the same state, with the same nationality, or with the same phone number? Who are they? Tell the class.

B. Муаррифӣ C. Introducing Others

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: A. Listen and match the following introductions and pictures.

1 **A: Ассалому алайкум, раис. Ин кас муҳосиб Ташрифзода.**
B: Аз дидоратон шодам.
A: Ман ҳам аз дидори Шумо шодам.



2 **A: Ин кас устод Ориёнпур. Ин кас аз Эронанд.**
B: Аз дидоратон шодам. Номи ман Сӯҳроби Рустампур.
A: Ман ҳам аз дидоратон шодам.



3 **A:Номи ин хонум Шаҳло. Ӯ котиба аст.**
B:Салом бачаҳо.
A:Салом, аз дидоратон шодем.



4 **A:Салом, лутфан шинос шавед. Ин кас Лилӣ. Ин кас аз Амрикоянд ва донишҷӯянд.**
B:Салом. Номи ман Далер. Ман аз Исфараам. Аз дидоратон шодам.



B. How would you introduce the person sitting beside you? Find out his or her name and occupation. Write down what you would say to introduce him or her to the class. Then role play introducing each other to your classmate.

ном	касб
_____	_____

2. ГУФТУГӮ

Машқи 2: *Аз дидоратон шодам.* Listen, fill in the blanks, and practice.

Масрур: **Салом Шаҳноз, лутфан _____ шинос шав. Ин кас ҷаноби Смит аз Амрико.**

Шаҳноз: Ассалому алайкум, ҷаноби Смит. Номи ман Шаҳноз.

Ҷаноби Смит: ***_____, аз дидоратон шодам.***

Шаҳноз: Ман ҳам _____ шодам. Шинос шавед, ин хонум Бақозода. Ӯ _____ аст.

Ҷаноби Смит: ***Ман Ҷеймс Смит, _____. Аз дидори Шумо низ шодам.***



Машқи 3: ***Кор бо шарик.*** **Маълумотномаи телефон.**
For student A. Student B: Go to the next page.



A. You are the customer. Student B is a telephone operator. Ask for the telephone numbers of these people.

Ном ва номи хонаводагӣ	Рақами телефон
1. Иброҳимзода Ашраф	_____
2. Кабирӣ Бежан	_____
3. Лангарӣ Анӯша	_____
4. Манучеҳрӣ Сӯҳроб	_____
5. Нишопурӣ Аттор	_____
6. Ориёнфар Маҳастӣ	_____
7. Покзод Наргис	_____

B. Now you are the telephone operator. Student B is a customer. Answer his/her questions and tell the phone number of the people based on the chart below.

Ном ва номи хонаводагӣ	Рақами телефон
1. Рустамдухт Нилуфар	236 - 46 - 79
2. Сурушзод Ҳушёр	337 - 13 - 52
3. Тирмизӣ Ардашер	427 - 18 - 85
4. Умедниё Парвиз	524 - 14 - 78
5. Фурӯзонфар Фаршед	127 - 12 - 63
6. Ҳамадонӣ Гударз	721 - 46 - 11
7. Ҷамшеддухт Фиребо	256 - 90 - 17

Телефончӣ: Хадамоти маълумоти телефон.
Муштарӣ: Салом. Ба ман рақами телефони _____ лозим аст.
Телефончӣ: Номашонро такрор кунед.
Муштарӣ: _____
Телефончӣ: Номи хонаводагиашон чист?
Муштарӣ: _____
Телефончӣ: Ташаккур. Рақами телефон ..... аст

НАМУНА

Машқи 3: *Кор бо шарик.* **Маълумотномаи телефон.**
For student B.

A. You are the telephone operator. Student A is a customer. Answer his/her questions based on chart below.

Ном ва номи хонаводагӣ	Рақами телефон
1. Иброҳимзода Ашраф	992 - 73 - 23
2. Кабирӣ Бежан	781 - 64 - 13
3. Лангарӣ Анӯша	532 - 46 - 81
4. Манучеҳрӣ Сӯҳроб	390 - 70 - 61
5. Нишопурӣ Аттор	469 - 52 - 24
6. Ориёнфар Маҳастӣ	864 - 32 - 47
7. Покзод Наргис	221 - 17 - 18



B. Now you are the customer. Student A is a telephone operator. Ask for the telephone numbers of these people.

Ном ва номи хонаводагӣ	Рақами телефон
1. Рустамдухт Нилуфар	_____
2. Сурушзод Ҳушёр	_____
3. Тирмизӣ Ардашер	_____
4. Умедниё Парвиз	_____
5. Фурӯзонфар Фаршед	_____
6. Ҳамадонӣ Гударз	_____
7. Ҷамшеддухт Фиребо	_____

Телефончӣ: Хадамоти маълумоти телефон.
Муштарӣ: Салом. Ба ман рақами телефони _____ лозим аст.
Телефончӣ: Номашонро такрор кунед.
Муштарӣ: _____
Телефончӣ: Номи хонаводагиашон чист?
Муштарӣ: _____
Телефончӣ: Ташаккур. Рақами телефон ..... аст

НАМУНА

3. ДАСТУР

УНВОНҲО - TITLES

Personal names are rarely used in Tajik society, especially when meeting someone in public. In formal or official situations you should address a person with **ҷаноб** or **хонум**. (These titles can be followed by the person's name: **ҷаноби Салимпур**, 'Mr. Salimpur'; **хонуми Аюбӣ**, 'Mrs. Ayubi.') In unofficial situations you should use a title reflecting the other person's age and position as shown in the table below, particularly if you do not know or are not on close terms with the person.

мардона (male)	**занона** (female)	Used with:
ҷаноб – Mr.	**хонум** – Mrs., Miss, Ms.	People in an official situation
бобо – grandfather	**бибӣ** – grandmother	An old person
амак – uncle	**хола** – aunt	An older adult (middle-aged)
устод – master	**устод** – master	A professor
раис – head	**раиса** – head	A boss
ака(ако) – older brother	**апа** – older sister	An adult about your age or somewhat older
додар – younger brother	**хоҳар** – younger sister	A younger adult
писарам – my son	**духтарам** – my daughter	A child
ҷӯра - friend	**дугона** - friend	People of the same age



Машқи 4: ***Кор бо гурӯҳ.*** Go around the class. Practice greeting your classmates formally and informally, using the titles in the table above in an appropriate fashion.

4. ХОНИШ

Машқи 5: Read the Tajik visa below and answer the following questions in English:


ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
REPUBLIC OF TAJIKISTAN
РАВОДИД № 00000000 VISA
ТО ЯК МОҲ
Номи хонаводагӣ: Чуликашвили
Ном: Чек
Навъ: оддӣ
Вуруд: 10.08.06
Хуруҷ: 03.09.06
Вуруд: _____
Таърихи судур: 04.07.06
Таърихи интиҳо: 09.09.06
Имзо:
Ҳамроҳ: нест

1.When does his visa expire?	_____
2.What is the visa holder's name?	_____
3.What is his/her surname?	_____
4.When should he/she leave Tajikistan?	_____
5.What is the word for "surname" in Tajiki?	_____
6.What does "имзо" mean?	_____

5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 6: *Номи Шумо чист?* Listen to the conversations and fill in the blanks.

Стюарт: Салом, ҷаноби Шаҳриёр куҷоянд?
Равшан: Он кас нестанд, Шумо кӣ?
Стюарт: Ман _____ Стюарт.
Равшан: Мебахшед, номатонро _____ кунед.
Стюарт: С-т-ю-а-р-т. Стюарт.
Равшан: Ташаккур.

Ҷамила: Салом, номи ман Ҷамила. Номи Шумо чист?
Мери: Номи ман Мери, _____ Бовер.
Ҷамила: Бубахшед, _____ _____ такрор кунед.
Мери: Б-о-в-е-р. Бовер.
Ҷамила: Ташаккур, аз дидоратон шодам.
Мери: Ман ҳам.

Машқи 7: Listen to the conversations. Complete the sentences by writing in the appropriate titles.

1. **Шароф: Ассалом, Ромиш дар ҳамин ҷо?**
Лола: Не нест. Шумо кӣ?
Шароф: Ман _____ Шароф.

2. **Муаллим: Донишҷӯён, шинос шавед, ин кас _____ Фурӯзонфар.**
Донишҷӯён: Ассалому алайкум, _____.
Фурӯзонфар: Ваалайкум салом, донишҷӯёни мӯҳтарам.

3. **Толиб: _____, Рустам канӣ?**
Зан: Намедонам, _____.



6. ХАТ



Машқи 8: Fill out the form.

Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Шоҳмансур

Варақаи қайд

Ном _____ **Номи хонаводагӣ** _____
Санаи таваллуд _____ **Ҷойи таваллуд** _____
Нишонии ҷойи истиқомат _____
индекс *шаҳр*

кӯча _____ **телефон** _____
рақами хона _____ **email** _____
Нишонии истиқомати доимӣ _____
индекс *кишвар*

шаҳр _____ **кӯча** _____ **рақами хона** _____

телефон _____ **факс** _____

Имзо _____ **Таърихи рӯз** _____

санаи таваллуд	*date of birth*
ҷойи таваллуд	*place of birth*
нишонии ҷойи истиқомат	*address*
индекс	*zip code*
шаҳр	*city*
варақаи қайд	*registration form*
таърихи рӯз	*date*
шӯъбаи корҳои дохилӣ	*Department of Internal Affairs (police station)*
кӯча	*street*
рақами хона	*apartment number*

7. ТАМОШО КУНЕД!



Машқи 9: A. Watch the video and fill in the blanks with everyone's names.

1. First girl on the left	_____
2. Second girl on the left	_____
3. Young man	_____

B. Watch the video again and write down everyone's professions.

1. Saodat	_____
2. Dilshod	_____

C. Now work in groups of three to create a dialogue based on the video. Act it out, then change roles.

VOCABULARY
ЛУҒАТНОМА

аз	*prep.* from
Аз дидоратон шодам.	*phr.* Nice/pleased to meet you.
Аз дидори Шумо шодам.	*phr.* I am pleased to meet you.
ака (ако)	*n.* older brother; term of address for a man one's age
амак	*n.* uncle; term of address for an older man
англис	*n.* English (person) (= **инглис**)
англисӣ	*adj.* English
апа	*n.* older sister; term of address for a woman one's age
аслан	*adv.* really, in fact
ба	*prep.* towards
бағочхона	*n.* luggage room
бале	*interj.* yes (= **ҳа**)
барои	*prep.* for
барои чӣ	*adv.* why? (= **чаро**)
ба куҷо	*adv.* where to? (= **канӣ**)
Ба Тоҷикистон хуш омадед.	*phr.* Welcome to Tajikistan.
бибӣ	*n.* grandmother; term of address for an old woman
бобо	*n.* grandfather; term of address for an old man
варақаи қайд	*n.* registration form
гузаред	*v.* pass by!
Гум шудаанд.	*phr.* They've gotten lost. (**гум шудан**, to get lost)
дар	*prep.* at, in
дар куҷо	*adv.* where at? (= **канӣ**)
дигар	*adj.* other
Дидӣ?	*phr.* See? (lit., You saw?)




дидор	*n.* meeting
додар	*n.* younger brother; term of address for younger man
дугона	*n.* friend (used between females)
Душанбе	*n.* Dushanbe
иёлат	*n.* state (region)
Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико	*n.* The United States of America
Ингилистон	*n.* England
инглис	*n.* Englishman (= **англис**)
индекс	*n.* zip code
кай	*adv.* when?
калон	*adj.* big, large
канӣ	*adv.* (coll.) where at?, where to? (= **дар куҷо, ба куҷо**)
киса	*n.* pocket
китоб	*n.* book
компютер	*n.* computer
котиб	*n.* male clerk (see **котиба**)
котиба	*n.* female clerk (see **котиб**)
куҷо	*pron.* where? (see **канӣ**)
кушоед!	*v.* open (it)!
Кӯлоб	*n.* Kulob
кӯча	*n.* street
Қӯрғонтеппа	*n.* Qurghonteppa
либос	*n.* clothes
лутфан	*adv.* please (= **марҳамат**)
марҳамат	*interj.* please (= **лутфан**)
Маҷористон	*n.* Hungary
мебахшед	*interj.* sorry
меҳмон	*n.* guest
меҳмонхона	*n.* hotel
муаррафӣ	*n.* (personal) introduction
муҳандис	*n.* engineer





муҳосиб	*n.* accountant
муштарӣ	*n.* customer
нав	*adj.* new
намуна	*n.* example, model
не	*interj.* no
немис	*adj.* German (person) (= **олмонӣ**)
немисӣ	*adj.* German (language) (= **олмонӣ**)
низ	*adv.* (liter.) too (= **ҳам**)
нишонии ҷойи истиқомат	*n.* address
номи хонаводагӣ	*n.* family name (legal term) (= **насаб**)
ноҳия	*n.* district
оила	*n.* family
олмонӣ	*adj.* German (= **немис, немисӣ**)
омадан	*v.* to come
Ором шав.	*phr.* Calm down, don't worry.
раис	*n.* head, boss, chief (male)
раиса	*n.* head, boss, chief (female)
рақами хона	*n.* apartment number
ресторан	*n.* restaurant
рус	*n.* Russian (person)
русӣ	*adj.* Russian (language)
Саломат бошед!	*interj.* You're welcome, all right
санаи таваллуд	*n.* date of birth
сафар	*n.* visit
сумка	*n.* bag (= **ҷузвдон**)
тамошо	*n.* sightseeing
тарабхона	*n.* restaurant (= **ресторан**)
ташаккур	*interj.* thank you
таърихи рӯз	*n.* date
телефончӣ	*n.* (telephone) operator
тоҷик	*n.* Tajik (person)
тоҷикӣ	*adj.* Tajiki (language)



унвон	*n.* title, term of address
устод	*n.* professor, master
фаронсавӣ	*adj.* French (nationality)
форсӣ	*n.* Farsi (Iranian Persian)
фурудгоҳ	*n.* airport
хадамот	*n.* services
хитойӣ	*adj.* Chinese (= **чинӣ**)
хола	*n.* aunt; term of address for an older woman
хонум	*n.* lady; Mrs., Ms.
хоҳар	*n.* younger sister; term of address f a younger woman
хуб	*adj.* okay
Хуҷанд	*n.* Khujand
ҳа	*interj.* yes (= **бале**)
Ҳабашистон	*n.* Abyssinia
ҳадаф	*n.* purpose
ҳам	*adv.* too (= **низ**)
ҳаст	*v.* there is/are
Ҳеҷ гап нест	*interj.* all right
Ҳеҷ қисса нест.	*phr.* There was nothing wrong, it was no big deal (lit., There's no story).
ҳозир	*adv., interj.* one moment
ҳолландӣ	*adj.* Dutch
чанд	*adj.* how much?
чандон	*adv.* so, so much, so many
чаро (чиба, чида)	*adv.* (coll.) why? (= **барои чӣ**)
чиз	*n.* thing
Чикаго	*n.* Chicago
чинӣ	*adj.* Chinese (= **хитойӣ**)
чӣ	*pron.* what?
чӣ тавр, чун	*adv.* (liter.) how? (= **чӣ хел**)
ҷаноби	*n.* mister
ҷойи таваллуд	*n.* place of birth



ҷомадон	*n.* suitcase
ҷӯра	*n.* friend (between males)
шавқовар	*adj.* interesting, fascinating
шаҳр	*n.* city
шиносоӣ	*n.* acquaintance
шод	*adj.* glad
шотландӣ	*adj.* Scottish
шудан (шав)	*v.* to become
шӯх	*adj.* mischievous, joking
шӯъбаи корҳои дохилӣ	*n.* Department of Internal Affairs (police station)



Боби **панҷум**
CHAPTER **FIVE**




ОБУ ҲАВО
THE WEATHER



IN THIS CHAPTER

- **Ҳаво хуб аст?** Is the Weather Good?
- **Ҳаво чанд дараҷа гарм аст?** How Warm is it?
- **Соат чанд?** What Time is it?
- ***Луғатнома*** Vocabulary



А. ҲАВО ХУБ АСТ? A. IS THE WEATHER GOOD?

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: Look at these pictures, listen and read the dialogues:



шаб


рӯз


барф



абрнок


гарм


шамол


офтобӣ


боронӣ



хунук


соф


раъд


тӯфон

А: Ҳаво чӣ хел аст?
В: Ҳаво гарм аст.

А: Дирӯз ҳаво чӣ хел буд?
В: Дирӯз ҳаво хеле хунук буд.

Машқи 2: ***Кор бо шарик.*** Ask a partner about the weather today and yesterday. Change roles.

2. ГУФТУГӮ

Машқи 3: Listen, fill in the blanks, and practice.

Наргис: Салом Ромиш.
Ромиш: Салом Наргисҷон, _____?
Наргис: Ҳа, каме. Имрӯз ҳаво _____ _____ аст.
Ромиш: Бале. Имрӯз ҳаво хунук аст. Дирӯз ҳаво _____ буд.
Наргис: Ба ман ҳавои хунук маъқул нест.





Комрон: Ҷаноби Шоҳпур, Шумо хубед?
Ҷаноби Шоҳпур: Раҳмат писарам, ман хубам. _____ _____ аст.
Комрон: Бале, имрӯз ҳаво _____ _____ аст.
Ҷаноби Шоҳпур: _____ ҳаво _____ буд.

Гуландом: Уфф, _____ дар Душанбе ҳаво гарм...
Чаман: Ҳа, дугонаҷон, _____ _____ ҳам ҳаво хеле гарм буд.
Гуландом: _____ ман дар Истанбул будам. _____ гарм набуд.
Чаман: Аҷойиб, _____ нақл кун, дар Истанбул боз чӣ буд?



3. ДАСТУР

3.1. Personal pronouns



3.1 PAST TENSE OF THE VERB 'TO BE'

3.1.1. AFFIRMATIVE SENTENCES

The past tense of the verb 'to be' in Tajiki is formed by adding the past tense verb endings to the past stem (**буд-**) of the verb **будан**:

Ман донишҷӯ будам	**Мо донишҷӯ будем**
Ту хаста будӣ	**Шумо хаста будед**
Ӯ бемор буд	**Онҳо бемор буданд**

3.1.2. NEGATIVE SENTENCES

The negative form of the verb 'to be' in the past is formed with the prefix **на-**, which receives the stress:

Ман донишҷӯ набудам	**Мо донишҷӯ набудем**
Ту хаста набудӣ	**Шумо хаста набудед**
Ӯ бемор набуд	**Онҳо бемор набуданд**

3.1.3. INTERROGATIVE SENTENCES

The question form of the verb 'to be' in the past is formed by intonation:

Ман гурусна будам?	'Was I hungry?'
Ту хаста будӣ?	'Were you tired?'
Ӯ бемор набуд?	'Wasn't he sick?'
Шумо хаста набудед?	'Weren't you tired?'

3.2. PAST TIME MARKERS



The past time markers come either right before or right after the subject.

Ду рӯз пеш ӯ хеле ғамгин буд, 'Two days ago he was very sad.'
Ӯ ду рӯз пеш хеле хафа буд, 'He was very sad two days ago.'

Basic past time markers and words for units of time include:

дирӯз (дина)	yesterday
имрӯз	today
парерӯз	the day before yesterday
ҳафта	week
моҳ	month
сол	year
рӯз	day
шаб	night
гузашта	last
пеш	ago
моҳи гузашта	last month
ду ҳафта пеш	two weeks ago

Машқи 4: *Кор бо гурӯҳ.* Ask each other about the weather in your cities and fill in the chart.


А: Ҳафтаи гузашта ҳавои шаҳри Шумо абрнок буд?
В: Не.
В: Ҳафтаи гузашта ҳавои шаҳри Шумо гарм буд?
НАМУНА **А: Ҳа**

Fill in the first row of the chart below about the weather in your city.

НАМУНА

Шаҳри Шумо	ҳафтаи гузашта	парерӯз	дирӯз	имрӯз
_____	_____	_____	_____	гарму боронӣ
_____	_____	_____	_____	_____
_____	_____	_____	_____	_____

Report to the class what you found out.



Машқи 5: A. ***Кор бо шарик.*** **Обу ҳавои олам.**

Student A: Look at this page. Ask your partner questions to complete the chart.

Student B: Turn to the next page and follow the instructions there.

ОБУ ҲАВОИ ОЛАМ

	дирӯз	имрӯз
Варшава	гарм/офтобӣ	гарм/абрнок
Вашингтон	хунук/боронӣ	гарм/офтобӣ
Душанбе	хунук/абрнок	хунук/боронӣ
Алмаато	_____	_____
Маскав	_____	_____
Париж	_____	_____

1. Ҳавои Алмаато дирӯз хунук буд?
2. Имрӯз ҳавои Маскав гарм аст?

НАМУНА



В. ***Кор бо шарик.*** **Обу ҳавои олам.**

Student B: Answer your partner's questions. Then ask your partner questions to complete the chart.

ОБУ ҲАВОИ ОЛАМ

	дирӯз	имрӯз
Варшава	_____	_____
Вашингтон	_____	_____
Душанбе	_____	_____
Алмаато	гарм/абрнок	гарм/соф
Маскав	хунук/боронӣ	хунук/абрнок
Париж	гарм/офтобӣ	гарм/абрнок

1. Ҳавои Варшава дирӯз хунук буд?
2. Имрӯз ҳавои Душанбе чӣ хел аст?

НАМУНА

Машқи 6: Work with a partner. Write three true and three false sentences using the words below.

шамол гарм боронӣ абрнок
хунук офтобӣ барфолуд соф

1. _____
2. _____
3. _____
4. _____
5. _____
6. _____

Now read your sentences to your partner. Your partner should say **Дуруст** or **Нодуруст** and correct the false sentences.

НАМУНА

A: Имрӯз ҳаво гарм аст.
B: Дуруст.
A: Ҳаво дирӯз соф буд.
B: Нодуруст. Ҳаво дирӯз абрнок буд.

4. ХОНИШ

Машқи 7: Read the sentences in both columns. Then match each sentence in column A with the sentence in column B having the opposite meaning.

A		B	
A	Ҳавои ин маҳал хунук аст.		Дар ин шаҳр ҳаво боронӣ нест.
B	Шаҳритус ҷойи гарми Тоҷикистон аст.		Ҳавои ин шаҳр абрнок аст.
C	Дар ин маҳал дирӯз раъду барқ буд.		Ҳавои ин шаҳр барфолуд нест.
D	Дар ин шаҳр ҳаво боронӣ аст.		Дар ин ҷо шамол набуд.
E	Ҳавои ин шаҳр беабр аст.		Шаҳритус ҷойи гарми Тоҷикистон нест.
F	Ин мамлакат гарм аст.		Дар Ню-Орлеанз тӯфон бисёр набуд.
G	Ин шаҳр хунук аст.		Ҳавои ин маҳал хунук нест.
H	Ҳавои ин шаҳр барфолуд аст.		Ин мамлакат хунук аст.
I	Дар Ню-Орлеанз тӯфон бисёр буд.		Дар ин маҳал дирӯз раъду барқ набуд.
J	Дар ин ҷо шамол буд.		Ин шаҳр гарм аст.

5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 8: Listen and fill in the weather information in the chart below:

НОМИ ШАҲР	ДИРӮЗ	ИМРӮЗ
Истанбул		
Ню-Йорк		
Прага		
Остона		
Теҳрон		
Душанбе		

6. ХАТ



Машқи 9: Look at the chart for the weather in the different cities of Tajikistan and complete the sentences below.

Обу ҳавои Тоҷикистон

	ҳафтаи гузашта	як моҳ пеш
Хоруғ	хунук/абрнок	хунук/беабр
Душанбе	гарм/офтобӣ	гарм/боронӣ
Қӯрғонтеппа	гарм/абрнок	гарм/офтобӣ
Хуҷанд	гарм/ боронӣ	гарм/абрнок

1. **А: Обу ҳавои Хоруғ ҳафтаи гузашта чӣ хел буд?**
   В: Он хунук ва абрнок буд.
   А: Як моҳ пеш чӣ?
   В: Як моҳ пеш он _____-у _____ _____.

2. **А: Ҳавои Душанбе ҳафтаи гузашта хунук буд?**
   В: Не, ҳафтаи гузашта ҳавои Душанбе _____-у _____ буд.
   А: Як моҳ пеш чӣ?
   В: Як моҳ пеш ҳавои Душанбе _____-у _____ буд.

3. **А:Ҳавои Қӯрғонтеппа ҳафтаи гузашта абрнок буд?**
   В: Бале, он _____ ва _____ _____.

4. **А: Моҳи гузашта ҳавои Хуҷанд хунук буд?**
   В: Не, он _____-у _____ .



Б. ҲАВО ЧАНД ДАРАҶА ГАРМ АСТ? B. HOW WARM IS IT?

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: Listen and practice.

11 ёздаҳ	24 бисту чор	100 сад
12 дувоздаҳ	25 бисту панҷ	101 яксаду як
13 сездаҳ	26 бисту шаш	199 яксаду наваду нӯҳ
14 чордаҳ	27 бисту ҳафт	224 дусаду бисту чор
15 понздаҳ	28 бисту ҳашт	999 нӯҳсаду наваду нӯҳ
16 шонздаҳ	29 бисту нӯҳ	1000 ҳазор
17 ҳабдаҳ	30 сӣ	1357 як ҳазору сесаду панҷоҳу ҳафт
18 ҳаждаҳ	40 чил (чиҳил)	2006 ду ҳазору шаш
19 нуздаҳ	50 панҷоҳ	10000 даҳ ҳазор
20 бист	60 шаст	
21 бисту як	70 ҳафтод	
22 бисту ду	80 ҳаштод	
23 бисту се	90 навад	

Машқи 2: Lola and Daler are making a list of the telephone numbers of their classmates. Listen and complete the chart:



НОМУ НАСАБ	РАҚАМИ ТЕЛЕФОН
Абдуррауф Муродӣ	63-64-78
Ҳумоюни Шаҳриёр	
Мирзои Салимпур	
Сурайё Латифӣ	
Парвинаи Акрамдухт	
Нодираи Хуршед	
Баҳманёри Қиёмпур	
Салими Аюбзод	
Манижаи Давлат	
Маҳина Каримзода	
Музаффар Раҳимӣ	
Латофат Халилӣ	

Машқи 3: ***Кор бо шарик.*** With another student, ask each other your ages and the years you were born.

А: Тимотӣ, ту чандсолаӣ?
Б: Ман бистусесолаам.

НАМУНА

2. ГУФТУГӮ

Машқи 4: ***Саёҳати Дилшод.*** Listen, fill in the blanks, and practice. With a partner, make your own dialogue and practice it.

Анора: Дилшод, ту чанд рӯз дар Париж _____?
Дилшод: _____. Ман дар Рим ҳам будам.
Анора: Дар Рим чанд рӯз будӣ?
Дилшод: Дар он ҷо _____. Соли гузашта ман дар Рим _____ будам.
Анора: Ӯҳӯ, чӣ қадар хуб!



3. ДАСТУР



3.1. COMPLEX NUMBERS (11-19)

The numbers from 11 to 19 are complex numbers. They are written as one word and you will need to memorize them.

11	ёздаҳ
12	дувоздаҳ
13	сездаҳ
14	чордаҳ
15	понздаҳ
16	шонздаҳ
17	ҳабдаҳ
18	ҳаждаҳ
19	нуздаҳ

Note: The ҳ in all complex numbers is omitted in colloquial speech, thus **сездаҳ** is pronounced as **сенза**, **понздаҳ** as **понза**, and **шонздаҳ** as **шонза**.





3.2. NUMBERS ABOVE 19

These are compound numbers. They are formed by joining the number of tens with the suffix **-у** (**-ю** after vowels) 'and' to the number of units (1 to 9).

бисту як
сию як

4. ХОНИШ

Машқи 5: ***Кор бо шарик.*** Read the following numbers to your friend and check his/her writing. Then switch roles.

Student A	
33	541
98	2589
189	3697
469	9874

Student B	
77	5478
458	2226
1269	1236
234	9874

STUDENT A

STUDENT B

5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 6: Listen and practice. Notice the pronunciation.

ёздаҳ	сию чор
дувоздаҳ	бисту ҳафт
чордаҳ	ҳафтоду ду
бисту ҳашт	ҳаштоду ҳашт

Машқи 7: Student A. Looking at the chart below, ask your partner questions about the temperatures to fill in the gaps. Student B. Look at the next page and follow the instructions there.

ШАҲРҲО	ШАБОНА	РӮЗОНА
Остона	-12	-3
Маскав	-8	+2
Париж	+4	+18
Душанбе	_____	_____
Берлин	_____	_____
Тошканд	_____	_____

A: Ҳавои Берлин шабона чанд дараҷа гарм аст?
B: Ҳавои Берлин шабона 11 дараҷа гарм аст.
A: Рӯзона чӣ?
B: Ҳавои Берлин рӯзона 23 дараҷа гарм аст

НАМУНА






Student B. Looking at the chart below, ask your partner questions about the temperatures to fill in the gaps.

ШАҲРҲО	ШАБОНА	РӮЗОНА
Остона	_____	_____
Маскав	_____	_____
Париж	_____	_____
Душанбе	+5	+21
Берлин	+11	+23
Тошканд	+3	+19

НАМУНА

B: Ҳавои Остона шабона чанд дараҷа гарм аст?
A: Ҳавои Остона шабона 12 дараҷа хунук аст.
B: Рӯзона чӣ?
A: Ҳавои Берлин рӯзона 3 дараҷа хунук аст.

6. ХАТ



Машқи 8: ***Кор бо шарик.*** How old are the people on this picture? Write down your guesses and then compare.

A: Ин зан чандсола аст?
B: Ба гумонам, ӯ сиюпанҷсола аст.
C: Ба фикрам, ӯ чилсола аст.



Машқи 9: Write and practice.

A. Look at the numbers below and fill in the blanks where necessary.

20	бист
21	бисту як
22	бисту ду
23	
24	бисту чор
25	бисту панҷ
26	
27	бисту ҳафт
28	
29	бисту нӯҳ
30	сӣ
34	
40	чил

48	
50	панҷоҳ
53	
60	шаст
65	
70	ҳафтод
76	
80	ҳаштод
87	
90	навад
99	
100	сад
1000	ҳазор

B. Now write the numbers under the corresponding words and vice versa.

нуздаҳ
шасту шаш
чилу нӯҳ
87
71
64
53
565

сездаҳ
ҳаштоду ду
сию ҳашт
34
57
11
26
як ҳазору дусаду бист

бисту панҷ
панҷоҳу ҳашт
дувоздаҳ
100
37
49
82
3547

C. Solve the following math problems and write out your answers in Tajiki.

41 + 10 =
75 - 22 =
52 + 18 =
7 + 4 =
15 + 6 =
12 + 3 =

17 + 25 =
86 - 24 =
55 + 24 =
79 - 52 =
100 - 29=
17 + 29 =

7. ТАМОШО КУНЕД



Машқи 10: A. Watch the video with the sound off and write the names of provinces and cities you see.

1.	
2.	
3.	
4.	
5.	
6.	

B. Now watch the video with the sound on and fill in the chart with the temperatures.

	ШАҲР/ВИЛОЯТ	ШАБОНА	РӮЗОНА
1.	Ғарби вилояти Бадахшони кӯҳӣ		
2.	Шарқи вилояти Бадахшони кӯҳӣ		
3.	Хатлон		
4.	Суғд		
5.	Ноҳияҳои тобеи марказ		
6.	Душанбе		

C. Now create a weather report for your city. Read your report to your partner, who should fill in the second row with your information. Then switch roles.

	ШАҲР/ВИЛОЯТ	ШАБОНА	РӮЗОНА
You			
Your partner			

B. СОАТ ЧАНД? C. WHAT TIME IS IT?

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: Using the examples below, figure out how to tell the time and fill in the blanks.



Соат ҳашт



Соат _____



_____



Соат даҳу панҷ дақиқа



Соат яку бисту панҷ дақиқа



Соат _____



Соат ҳашту ним



Соат даҳ-та кам ҳафт



Соат _____ кам _____

Машқи 2: Work with a partner. While one of you reads the time, the other should write what is said without looking at the book. Afterwards check your answers and switch roles.



Student A	Answers
2:20	
3:45	
1:10	
12:05	
4:55	

Student B	Answers
5:25	
7:50	
12:35	
10:40	
3:05	

2. ГУФТУГӮ

Машқи 3: Listen and practice. Then make your own dialogue with a partner practicing how to tell the time.

Далер: Салом Ҷамшед.
Ҷамшед: Салом Далерҷон. Мебахшӣ, соат чанд?
Далер: _____.
Ҷамшед: Соати ман нодуруст аст. Соати ман _____.
Далер: _____ **атро дуруст кун!**
Ҷамшед: Ҳа, албатта.



3. ДАСТУР



3.1. ORDINAL NUMBERS

Look at the examples below and figure out how ordinal numbers are formed in Tajiki:

як	якум	first
ду	дуюм	second
се	сеюм	third
сӣ	сиюм	thirtieth
панҷ	панҷум	fifth
сад	садум	hundredth
чордаҳ	чордаҳум	fourteenth
бисту ҳафт	бисту ҳафтум	twenty-seventh

Note:

1. Only three numbers in Tajiki end with a vowel: **ду, се,** and **сӣ**. The ordinal forms of these numbers are formed by adding the suffix **-юм**.
   дуюм 'second'
   сеюм 'third'
   сиюм 'thirtieth'
2. In the literary language the ordinal forms of these three numbers can be formed differently:
   дуввум 'second'
   севум 'third'
   сивум 'thirtieth'
3. In Tajiki some Arabic ordinal numbers are also widely used. They are:
   аввал 'first'
   сонӣ 'second'

3.2. DAYS OF THE WEEK

In Tajiki the names for the days of the week from Sunday to Thursday are formed from the numbers one to five and the word **шанбе** 'Saturday' (indicating "first day after Saturday," etc.). Friday, the day of public prayer in Islam, is **ҷумъа**, Arabic for "(day of) gathering." The Tajiki word for Friday is **одина**:

якшанбе	Sunday
душанбе	Monday
сешанбе	Tuesday
чоршанбе	Wednesday
панҷшанбе	Thursday
ҷумъа	Friday
шанбе	Saturday

Note: In Tajiki the days of the week are not capitalized.





4. ХОНИШ

Машқи 4: Hangman game

A. One student reads the clues to the class. The clues spell a word. The class listens and guesses the word.

1. Дар ин калима 5 ҳарф ҳаст.
2. Ҳарфи якум к аст.
3. Ҳарфи охирин б аст. Калима чист?
4. Ҳарфи и баъди ҳарфи к аст. Калима чист?
5. Ҳарфи о пеш аз ҳарфи б аст. Калима чист?

Калима _____ аст.

B. Write your own Hangman game. Read it to your class.

5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 5: Listen to the CD and write down the times you hear.

_____

_____

_____

_____

6. ХАТ



Машқи 6: Student A. Look at the weather forecast for Dushanbe. Ask your partner questions to fill in the blanks. (Source: www.zamon.tj).

Маълумот дар бораи обу ҳаво

Имрӯз чоршанбе, 21-уми сентябр

Душанбе	душанбе 19•09•2005		сешанбе 20•09•2005		чоршанбе 21•09•2005		панҷшанбе 22•09•2005	
	Рӯз	Шаб	Рӯз	Шаб	Рӯз	Шаб	Рӯз	Шаб
Ҳарорати ҳаво °C	31		+32		+32		+32	
Вазъи ҳаво	☀		☀		☀		☀	
Фишор мм. ҷадвали симоб	695		695		695			
Намнокӣ %	16		14		10		13	
Тулӯъи офтоб соат: дақиқа			**06:10**		**06:11**			
Ғуруби офтоб соат: дақиқа			**18:25**		**18:24**			
Дарозии рӯз соат: дақиқа			**12:15**		**12:12**			
Тулӯъи моҳтоб соат: дақиқа			**19:39**		**20:08**			
Ғуруби моҳтоб соат: дақиқа			**08:34**		**09:46**			

тулӯъи офтоб 'sunrise'
ғуруби офтоб 'sunset'
фишор 'pressure'
моҳтоб 'the moon'
симоб 'mercury, quicksilver'

А: Фишори ҳаво шаби душанбе чанд буд?
В: Фишори ҳаво 693 буд.

НАМУНА

Student B. Look at the weather forecast for Dushanbe. Ask your partner questions to fill in the blanks. (Source: www.zamon.tj)

Маълумот дар бораи обу ҳаво

Имрӯз чоршанбе, 21-уми сентябр

Душанбе	душанбе 19•09•2005		сешанбе 20•09•2005		чоршанбе 21•09•2005		панҷшанбе 22•09•2005	
	Рӯз	Шаб	Рӯз	Шаб	Рӯз	Шаб	Рӯз	Шаб
Ҳарорати ҳаво °C		+18		+17		+17		+18
Вазъи ҳаво								
Фишор мм. ҷадвали симоб		693		693		693		694
Намнокӣ %		45		34		29		27
Тулӯъи офтоб соат: дақиқа	06:10						06:12	
Ғуруби офтоб соат: дақиқа	18:27						18:22	
Дарозии рӯз соат: дақиқа	12:17						12:10	
Тулӯъи моҳтоб соат: дақиқа	19:12						20:42	
Ғуруби моҳтоб соат: дақиқа	07:22						10:57	

тулӯъи офтоб 'sunrise'
ғуруби офтоб 'sunset'
фишор 'pressure'
моҳтоб 'the moon'
симоб 'mercury, quicksilver'

B: Фишори ҳаво рӯзи душанбе чанд буд?
A: Фишори ҳаво 695 буд.

НАМУНА

7. ТАМОШО КУНЕД



Машқи 7: A. Watch the video with the sound off and describe the weather on the video.

B. Watch the video with the sound on and fill in the blanks.

А: Салом _____ хубед?
В: Салом, ҳа, _____ хубам. Имрӯз ҳаво хеле _____ аст.
А: Ҳа, имрӯз ҳаво _____ аст.
Дирӯз ҳам хеле _____ буд.
В: Дирӯз ҳаво _____ ва _____ буд.
Имрӯз ҳаво _____ аст.



Барги сабз

Дар байни мардуми тоҷик оид ба рӯзҳои ҳафта фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Баъзеи ин ақидаҳо ба анъанаҳои таърихӣ, баъзеяшон ба дину хурофот марбутанд. Масалан: азбаски рӯзи якшанбе рӯзи истироҳат аст ва мардум одатан дар ин рӯз ба бозорҳо барои харидкунӣ мераванд, аксар вақт ин рӯзро "рӯзи бозор" мегӯянд. Ба ақидаи мардум рӯзҳои душанбе, чоршанбе, ҷумъа ва якшанбе либос шустан хуб аст. Вале рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе ва шанбе либос намешӯянд. Рӯзи чоршанбе ба аёдати шахси бемор намераванд. Вале рӯзи чоршанбе ва шанбе мувофиқи анъана волидайни писар ба хонаи духтардор ба хостгорӣ мераванд. Азбаски рӯзи ҷумъа рӯзи намози умум дар масҷид аст, одатан дар ин рӯз шустани сарутан, гирифтани нохунҳо ва шустани бадан хуб аст. Ниҳоят рӯзҳои панҷшанбе ва якшанбе пухтани таоми машҳури тоҷикӣ "оши палав" савоб дониста мешавад.

Одина, ки номи аслии рӯзи ҷумъа аст, ҳоло чун номи одамон боқӣ мондааст: гоҳо кӯдаконеро, ки дар ин рӯз таваллуд мешаванд, Одина ном мегузоранд. Номи Ҷумъа (Ҷумъабой, Ҷумъагул) низ маъмул аст. Дар Бадахшон номҳои Душанбе ва Чоршанбе ҳам вомехӯранд.

VOCABULARY
ЛУҒАТНОМА

абрнок	*adj.* cloudy
аввал	*adj.* first
аёдат	*n.* visit
азбаски	*conj.* because, since
аксар вақт	*adv.* most of the time
ақида	*n.* opinion
албатта	*adv.* certainly, of course
Алмаато	*n.* Almaty (Alma-Ata, former capital of Kazakhstan)
анъана	*n.* tradition
аҷоиб	*adj.* interesting
банда	*n.* slave
барфӣ	*adj.* snowy
баъзе	*adj.* some, several (precedes noun)
беабр	*adj.* cloudless
бисёр	*adj, adv.* much, a lot
бист	*num.* twenty
Борон меборад.	*phr.* It's raining.
боронӣ	*adv.* rainy
вазъ	*n.* condition
гарм	*adj.* hot
гузашта	*adj.* past, last (week, etc.)
гуногун	*adj.* various, different kinds
ғуруби офтоб	*n.* sunset
дақиқа (дақоиқ)	*n.* minute (of time)
дарозӣ	*n.* length
дин	*n.* religion
дирӯз (дина)	*adv., n.* yesterday
Ду ҳафта пеш.	*adv.* Two weeks ago.
дувоздаҳ	*num.* twelve
душанбе	*n.* Monday
ёздаҳ	*num.* eleven
имрӯз	*adv., n.* today

ин қадар	*adv.* so, such, to this extent
Истанбул	*n.* Istanbul
истироҳат	*n.* rest; holiday
калима	*n.* word
камабр	*adj.* partly cloudy
каме	*adv.* a little
мавҷуд	*n.* existence
мамлакат	*n.* nation
марбут	*adj.* related (to)
мардум	*n.* people
марказ	*n.* center
Маскав	*n.* Moscow
масҷид	*n.* mosque
маҳал	*n.* place (= **ҷо**)
машҳур	*adj.* famous
маъқул	*adj.* interesting (**ба ман маъқул аст**, I like...)
маълумот	*n.* information
моҳ	*n.* month; moon
моҳи гузашта	*adv., n.* last month
моҳтоб	*n.* the moon
мувофиқ	*adj.* appropriate
навад	*num.* ninety
нақл кун	*v.* describe!, tell!
намнокӣ	*n.* humidity
намоз	*n.* Muslim prayer offered five times a day
ним	*n.* a half
ниҳоят	*adv.* finally; *n.* end
нохун	*n.* fingernail, nail, claw
нуздаҳ	*num.* nineteen
Ню-Орлеанз	*n.* New Orleans
одатан	*adv.* usually
оид ба	*prep.* about, concerning
Остона	*n.* Astana (capital of Kazakhstan)
офтобӣ	*adv.* sunny



охирин	*adj.* final, the last
оши палав	*n.* pilaf
панҷа	*n.* the five fingers, hand, paw
панҷоҳ	*num.* fifty
панҷшанбе	*n.* Thursday
парерӯз	*adv., n.* the day before yesterday
пеш	*adv.* ago
пойтахт	*n.* capital
понздаҳ	*num.* fifteen
Прага	*n.* Prague
пухтан (паз)	*v.* to cook
раъд	*n.* thunder
рӯз	*n.* day
рӯзона	*adj.* daytime, daily
савоб	*n.* alms-giving, charity
сад	*num.* hundred
сарутан	*n.* clothing
сездаҳ	*num.* thirteen
сентябр	*n.* September
сешанбе	*n.* Tuesday
симоб	*n.* mercury, quicksilver
симобӣ	*adj.* of mercury
сӣ	*num.* thirty
соат	*n.* hour; clock
сол	*n.* year
сонӣ	*adj.* second (after first)
соф	*adj.* clean
таом	*n.* food, a meal
таърихӣ	*adj.* historical
Теҳрон	*n.* Tehran
тулӯъи офтоб	*n.* sunrise
тӯфон	*n.* storm
умум	*n.* the public, the people
фишор	*n.* pressure
хаста	*adj.* tired
хостгорӣ	*n.* matchmaking



хунук	*adj.* cold
хурофот	*n.* superstitious beliefs
ҳабдаҳ	*num.* seventeen
ҳаво	*n.* weather (= **обу ҳаво**)
ҳаждаҳ	*num.* eighteen
ҳазор	*num.* thousand
ҳарорат	*n.* temperature
ҳарф (ҳуруф)	*n.* letter (of alphabet)
ҳафта	*n.* week
ҳафтаина	*adj.* weekly
ҳафтод	*num.* seventy
ҳаштод	*num.* eighty
чандсола	*adj.* how old?
чил (чиҳил)	*num.* forty
чӣ қадар	*adv.* how much?, how many?
чордаҳ	*num.* fourteen
чоршанбе	*n.* Wednesday
ҷасур	*adj.* brave, excellent
ҷаҳон	*n.* world
ҷумъа	*n.* Friday
шаб	*n.* night
шабона	*adj.* at night, nightly
шамол	*n.* wind
шанбе	*n.* Saturday
шаст	*num.* sixty
Шаҳритус	*n.* city in southern Tajikistan (often pronounced **Шаҳртус**)
шонздаҳ	*num.* sixteen
шунидан (шунав)	*v.* to hear, listen
шустан (шӯ, шӯй)	*v.* to wash
якшанбе	*n.* Sunday

Боби **шашум**
CHAPTER **SIX**



ХОНАДОН
FAMILY



IN THIS CHAPTER

- **Оилаи тоҷикӣ** The Tajik Family
- **Дар хонадони ҳамсар** At the In-Laws'
- **ӯро тасвир кунед** Describe Him
- ***Луғатнома*** Vocabulary

А. ОИЛАИ ТОҶИКӢ A. THE TAJIK FAMILY

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: Listen and practice.



падар



модар



фарзанд



бибӣ

ако





апа



писар



хоҳар
(ука)



бобо

додар (ука)



шавҳар



домод



зан





арӯс
(келин)

Машқи 2: ***Шаҷараи авлодӣ.***


A. Choose several people from the family tree below and write kinship terms which you think can apply to them:

НАМУНА

Бахтиёр: фарзанд, писар, падар, шавҳар

1. Ном	_____	Хешӣ	_____
2. Ном	_____	Хешӣ	
3. Ном	_____	Хешӣ	

Хешӣ- kinship, relationship



B. Now look again at the family tree above and fill in the blanks:

1. Бахтиёр _____ Парвина аст.
2. Зулфия _____ Одил аст.
3. Одил _____ Зевар аст.
4. Парвина _____ Нӯъмон аст.
5. Бахтиёр _____ Фархунда аст.
6. Рустам _____ Нӯъмон аст.
7. Парвина _____ Зулфия аст.
8. Рустам _____ Одил аст.
9. Зевар _____ Одил аст.
10. Бахтиёр _____ Нӯъмон аст.

C. ***Кор бо шарик.*** Work with a partner. Ask each other questions about the members of the family above.

2. ГУФТУГӮ

Машқи 3: ***Ту чанд бародару хоҳар дорӣ?*** A. Listen and fill in the blanks. Then practice with a partner.

Шаҳло: Сафинаҷон, ту чанд бародару хоҳар дорӣ?
Сафина: Ман як _____ ва ду _____ дорам.
Шаҳло: Номи онҳо чист?
Сафина: Шаҳриёр, Парвина ва Заррина.
Шаҳло: Бародарат чандсола аст?
Сафина: Бародарам 25-сола аст ва ӯ _____ дорад.
Шаҳло: Хоҳаронат чӣ?
Сафина: Парвина 18-сола ва Заррина 12-сола.
Шаҳло: Парвина донишҷӯ аст?
Сафина: Ҳа, ӯ донишҷӯи соли _____ аст.
Шаҳло: Хеле хуб. Шумо расми _____ӣ доред?
Сафина: Албатта, мо расмҳои гуногун дорем. Аммо ман ҳоло дар даст ягон расм надорам.
Шаҳло: Афсӯс, дугонаҷон.




b. Listen to the rest of the conversation and answer the following questions:

How many people are in Shahlo's family?
How many brothers does she have?
How many sisters does she have?
What do her sisters do?
What her brothers do?

1. _____
2. _____
3. _____
4. _____
5. _____
_____

Машқи 4: ***Кор бо шарик.*** Draw your own family tree, then with your partner ask and answer questions about each other's families.

A: Ин кас кӣ?
B: Ин кас падари мананд.
A: Падарат чандсолаанд?
B: Падарам 54-солаанд.
A: Он кас аз куҷоянд?
B: Он кас аслан аз Хуҷанданд, вале ҳоло дар Душанбеанд.



3. ДАСТУР



Феъли доштан

The verb **доштан** means 'to have.' Its present tense is formed as follows:

ман дорам,	'I have'	**мо дорем,** 'we have'
ту дорӣ,	'you have'	**шумо доред,** 'you have'
ӯ дорад,	'he/she/it has'	**онҳо доранд,** 'they have'



4. ХОНИШ

Машқи 5: A. Read about Salim's family and draw his family tree.

Ман падару модар, як бародар ва ду хоҳар, ду бобо, ду бибӣ, се хола, чор тағо, ду амак ва як амма дорам. Мо аз хурдӣ падарамонро "дада" ва модарамонро "оча" мегӯем. Номи бародарам Сиёвуш аст. Номи хоҳаронам Мадина ва Малика аст. Модарам се хоҳар ва чор бародар дорад. Падари модарам падаркалон ва модари модарам модаркалони мананд.
Мо онҳоро "бобо' ва "бибӣ" мегӯем.

Падарам ду бародар ва як хоҳар дорад. Падару модари падарам ҳам падаркалон ва модаркалони мананд. Мо онҳоро ҳам "бобо" ва "бибӣ" мегӯем.

Бародарони падарам амакҳои мананд. Фарзандони онҳо амакбачаҳои мананд. Хоҳари падарам аммаи ман аст. Фарзандони аммаам аммабачаҳои мананд.

Хоҳари модарам холаи ман аст. Фарзандони холаам холабачаҳои мананд. Бародари модарам тағои ман аст. Фарзандони тағоям тағобачаҳои мананд.

Бародари калонии ман оиладор аст. Ҳамсари ӯ - Наҷиба янгаи ман аст. Фарзанди ӯ бародарзодаи ман аст. Хоҳарам Мадина низ оиладор аст. Шавҳари ӯ язнаи ман аст. Фарзандони хоҳарам хоҳарзодаҳои мананд. Мо бародарзода ва хоҳарзодаҳои худро "ҷиян" мегӯем.

мегӯем - *we say, call*



B. Complete the sentences.

1. Сиёвуш _____ Салим аст.
2. Малика _____ Мадина аст.
3. Бобои Салим _____ падараш аст.
4. Бибии Салим _____ модараш аст.
5. Бародари модараш _____ Салим аст.
6. Хоҳари падараш _____ Малика аст.
7. Бародари падараш _____ Мадина аст.
8. Фарзанди аммаи Салим _____ ӯ аст.
9. Фарзанди холаи Мадина _____ ӯ аст.
10. Фарзанди Мадина _____ Салим аст.

Машқи 6: ***Оилаи Шоҳрух.*** Shohrukh's family

A. Listen about Shohrukh's family. Write the names in the correct place.



B. Now read the text and check your answers.

Ин сурати оилаи Шоҳрух аст. Шоҳрух барномасоз аст. Шоҳрух зан ва ду фарзанд дорад. Номи зани ӯ Зарнигор аст. Ӯ муаллима аст. Ӯ зани меҳрубону доно аст. Ӯ 46-сола аст. Номи духтараш Заррина аст ва ӯ муҳандис аст. Ӯ 22-сола аст. Заррина арӯси зебост. Шавҳари Заррина дар ин расм нест. Номи писари Шоҳрух Кова аст. Кова 24 - сола аст. Ӯ пизишк аст. Кова муҷаррад аст. Ӯ зан надорад.

C. Ask and answer questions about Shohrukh's family.

Зарнигор кист?

Ӯ зани Шоҳрух аст.

НАМУНА

5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 7: Listen and write.

A. Listen to the CD and fill in the chart below. How many siblings do they have?

	АКА	ХОҲАР	УКО	АПА
Салима	1	2	1	0
Михаел	_____	_____	_____	_____
Наташа	_____	_____	_____	_____
Ноҳида	_____	_____	_____	_____
Соҷида	_____	_____	_____	_____
Далер	_____	_____	_____	_____





B. Listen again and choose the correct answers.

1.	**Салима**	_____	**дорад.**				
a.	хоҳар	b.	холабача	c.	бародар	d.	амакбача
2.	**Михаел**	_____	**надорад.**				
a.	бародар	b.	хоҳар	c.	холабача	d.	зан
3.	**Наташа**	_____	**Максим аст.**				
a.	духтари	b.	апаи	c.	хоҳари	d.	модари
4.	**Оилаи дӯсти Соҷида**	_____	**аст.**				
a.	калон	b.	хурд	c.	миёна	d.	майда
5.	**Далер фарзанди**	_____	**аст.**				
a.	нахустин	b.	охирин	c.	миёна	d.	сеюм




6. ХАТ

Машқи 8: Write these words in the correct place.

тағо амма язна модар
зан хоҳар бибӣ
писар

	_____	шавҳар	_____	бародар	амак	_____	бобо	_____
	падар	_____	духтар	_____	_____	хола	_____	янга

Машқи 9: Play a game. Imagine that your class is one big family and assign each person a role. Draw a family tree of your class, then write a short story about this family. Compare your text with a partner.



7. ТАМОШО КУНЕД!

Машқи 10:

A. Look at the picture below. Can you guess how these people are related to each other?



B. Number the people from right to left and write down how you think they are related.

НАМУНА

Духтари якум духтари бобо ва бибӣ аст.

1. _____
2. _____
3. _____
4. _____
5. _____
6. _____
7. _____
8. _____
9. _____

C. How are the people arranged? What do you notice about their placement?

D. Watch the video and see if what you thought is true.

E. Watch the video one more time and answer the following questions.

1. How many sons does the man have?

2. How many daughters-in-law (келин) does Нўъмон-бобо have?

3. How about Нўъмон-бобо's grandchildren?

4. What does he do for a living?



Б. ДАР ХОНАДОНИ ҲАМСАР B. At the in-laws'

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: A. Listen and practice.

падарарӯс, падаршӯй (хусур)	father-in-law
модарарӯс, модаршӯй (хушдоман)	mother-in-law
додарарӯс, додаршӯй (ҳевар)	brother-in-law
хоҳарарӯс, хоҳаршӯй	sister-in-law
боҷа	relationship between the husbands of sisters (brother-in-law by marriage only)
авсун	relationship between the wives of brothers (sister-in-law by marriage only)
арӯс, келин	daughter-in-law
домод	son-in-law
номзад	fiancé, fiancée
янга	sister-in-law (brother's wife)
язна, почо	brother-in-law (sister's husband)
набера	grandchild

B. Draw your family tree and ask each other about your parents' relatives.

A: Бобои модариат ба падарат кӣ мешаванд?
B: Он кас падарарӯси падарам.

НАМУНА

2. ГУФТУГӮ

Машқи 2: *Оилаи ҳамсарат калон аст?* A. Listen, fill in the blanks, and practice.

Фаридун: Шунидам, ҳафтаи гузашта ба Хуҷанд рафтӣ?
Шоҳпур: Ҳа, ман бо ҳамсарам ба хонаи _____ ӯ рафтам.
Фаридун: Оилаи ҳамсарат бузург аст?
Шоҳпур: Ҳа, волидайни _____ ҳафт фарзанд доранд.
Фаридун: Ҳамсари ту _____ чандум аст?
Шоҳпур: Ӯ фарзанди _____ аст.
Фаридун: Пас, ту додарарӯс ва хоҳарарӯси бисёр дорӣ?
Шоҳпур: Ҳа, ман ___ додарарӯс ва ___ хоҳарарӯс дорам. Ту чӣ?
Фаридун: Падарарӯсу модарарӯси ман фақат ду фарзанд доранд: _____ и ман ва бародараш Дилшод. Ман фақат _____ дорам ва хоҳарарӯс надорам.

B. *Кор бо шарик.* Now ask your partner questions like those in part A.

3. ДАСТУР



3.1. VERBS:

All Tajiki verbs are listed in the dictionary in their infinitive forms. The infinitive always ends in **-ан** and is always stressed on the last syllable. The following are some very common and useful verbs.

рафтан	to go	**гирифтан**	to take
дидан	to see	**додан**	to give
хӯрдан	to eat	**мондан**	to put
харидан	to buy	**фурӯхтан**	to sell
паридан	to fly	**шунидан**	to hear
бурдан	to carry	**хондан**	to read, study
гуфтан	to say, tell	**нӯшидан**	to drink



3.2. THE SIMPLE PAST TENSE

The past stem of the Tajiki verb is formed from the infinitive by dropping the suffix **-ан**. The past stem is the same as the 3rd person singular of the simple past tense.

рафтан 'to go'	**рафт** 'he/she/it went'
дидан 'to see'	**дид** 'he/she/it saw'
хӯрдан 'to eat'	**хӯрд** 'he/she/it ate'
харидан 'to buy'	**харид** 'he/she bought'
паридан 'to fly'	**парид** 'he/she/it flew'

The other forms of the simple past tense are formed by adding the past tense personal endings:

Ман	**рафт**	-ам	I went
Ту	**дид**	-й	you saw
Вай	**хӯрд**	-	he/she ate
Мо	**харид**	-ем	we bought
Шумо	**парид**	-ед	you flew
Онҳо	**шунид**	-анд	they heard

Машқи 3: Complete these sentences. Conjugate the verbs in the simple past tense and check your answers with a partner.

1. Сарвар (рафтан)	_____
2. Ману модарам соат (харидан)	_____
3. Онҳо китоб (хондан)	_____
4. Шумо (омадан)	_____
5. Ман (хӯрдан)	_____
6. Ту (рафтан)	_____

4. ХОНИШ

Машқи 4: *Даъватнома.*

A. Read the invitation below and answer the questions.



Эй дуст биё, ки оштӣ шод шавад
Дар мактаби Зиндагӣ худ устод шавад,
Дар партави панду зиҳмату меҳри Шумо
Домоду арӯс хонабод шавад.

Мӯҳтарам Юнусов Нормат Юнусович

Ҳузури Шумо дар тӯи арӯсию домодии фарзандонамон

ЗУҲУРШО ва МАДИНА

ки рӯзи 4-июли соли 2003 соати 17.00 дар тарабхонаи "Тоҷикистон" барпо мегардад, бонси сарфарозии мо хоҳад шуд.

Бо эҳтиром,
Хонадони НУРМАХМАТОВҲО ва ЗАРИПОВҲО

Зуҳуршо писари Нурмаҳматов ва домоди Зарипов аст. Ӯ шавҳари Мадина аст.

НАМУНА

1. Зуҳуршо кист?	_____
2. Мадина кист?	_____
3. Нурмаҳматов кист?	_____
4. Зарипов кист?	_____
5. Тӯй дар куҷо барпо мегардад?	_____


барпо мегардад - will be, will take place

ЛУҒАТНОМА

B. How are wedding ceremonies held in your country? Tell your partner about them.

C. Tell the class about some of the wedding ceremonies of your partner's country.

D. Write an invitation to a wedding party.



5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 5: *Сурати оила.* A. Listen and practice.

А: Ин сурати кист?
В: Ин сурати оилаам.
А: Инҳо кистанд?
В: Ин писарам Далер аст. Дар паҳлӯи ӯ келини ман - Дилором.
А: Ин муйсафед кист?
В: Магар намедонӣ? Ин кас шавҳарам Асрорҷон.
А: Ин ҷавон кист.
В: Ӯ домодам, шавҳари духтарам Шаҳло аст.
А: Ӯ чандсола аст?
В: Ӯ аз Шаҳло 4 сол калон аст ва 32-сола аст.

B. Listen to the rest of the conversation and answer the questions:

1. Анора чанд фарзанд дорад?	_____
2. Ӯ чанд набера дорад?	_____
3. Ӯ чанд келин дорад?	_____
4. Ӯ чанд домод дорад?	_____
5. Писари ӯ чандсола аст?	_____

6. ХАТ



Машқи 6: Complete these conversations, writing the verbs in the simple past tense.

A: Робия китобро дар куҷо	_____? (гузоштан)
B: Ӯ китобро дар рӯйи миз	_____. (гузоштан)


A: Ту дирӯз ба куҷо	_____? (рафтан)
B: Ман ба хонаи бобоям	_____. (рафтан)

A: Модари Сӯҳроб чӣ	_____? (харидан)
B: Ӯ дафтар, хаткӯркунак ва китоб	_____. (харидан)

A: Дирӯз ҳавои деҳаи Хуршед гарм	_____? (будан)
B: Не, дирӯз ҳавои деҳаи ман	_____. (будан)

Машқи 7: Now draw a picture of your wife/husband's family (if not married, your parents' mother- and father-in-law's families) and describe them.

Ин кас падарарӯсам. Ин кас модарарӯсам. Ин писар набераи модарам аст. НАМУНА



7. ТАМОШО КУНЕД!

Машқи 8:

A. Watch the video where Parvina is talking about her extended family. Write how the people in the pictures are related to her.



















B. Watch the video one more time and fill in the blanks.

1. Ман _____ и ҳамин хонавода.
2. Ин кас _____ ам.
3. Ин кас _____ ам.
4. Дар пеши модар, дар паҳлӯи модарарӯсам _____ ам нишастаанд.
5. Ман соҳиби _____ _____.
6. Ба ин хонавода зиёда аз _____ _____ шуд, ки ҳамчун келин ҳисоб мешавам.
7. Дар паҳлӯи ман _____ _____ нишастаанд. Фирӯза.
8. Ёни ун касба _____ _____ , Парвина.
9. Дар ин тараф _____ _____ ам нишастааст. Фозилҷон.
10. Синфи _____ а тамом кард.
11. Ана, ин тарафамба _____ и хурдем.
12. Қобилҷон, _____ и ман.

C. Work with a partner and take the role of one of the people in part A. Take turns asking each other questions about your relatives.


А: Ин кас ба ту кӣ мешаванд?
В: Ин кас бобоям, падари падарам ва падарарӯси модарам.

НАМУНА

В. ЎРО ТАСВИР КУНЕД C. DESCRIBE HIM.

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: Listen and practice.



Машқи 2: A. Listen and practice.

Ӯ каме хароб аст.
Ӯ каме фарбеҳ аст.
Онҳо меҳрубонанд.
Ӯ хеле зебо аст.
Вай безеб аст.
Ӯ шармгин аст.
Ӯ хеле дағал аст.
Ӯ бисёр ҷиддӣ аст.
Ӯ доно аст.
Ӯ хеле шӯх аст.
Ӯ қаддароз аст.
Ӯ қадпаст аст.

B. Complete the chart with the words above. Add two more words to each list.

Намуд	Хислат
қадпаст	шӯх
_____	_____
_____	_____
_____	_____
_____	_____
_____	_____
_____	_____

Машқи 3: Listen to the descriptions of four people. Check (✓) the correct words.

	ТАВСИФ				
1. Лола	✓	*меҳрубон*	✓	*қадпаст*		қаддароз
2. Ҷон	___	шӯх	___	хароб	___	ҷиддӣ
3. Ардашер	___	шармгин	___	қаддароз	___	доно
4. Заррина	___	каме фарбеҳ	___	безеб	___	шармгин





2. ГУФТУГӮ

Машқи 4: *Бародари Шабнам.* Listen, fill in the blanks, and practice.

Лайло: Ин кист?
Шабнам: Бародарам.
Лайло: Чӣ хел ҷавони _____! Номи ӯ чист?
Шабнам: Дилшод. Ӯ донишҷӯи _____ и давлатӣ аст.
Лайло: Вай чандсола аст?
Шабнам: Ӯ 22-сола аст.
Лайло: _____ чӣ хел аст? Ба фикрам, ӯ инсони хеле хуб аст.
Шабнам: Ҳа, дуруст _____ аст.

Машқи 5: *Кор бо шарик.* Use the adjectives below to describe a classmate.

Фарангис ҷавон ва қаддароз аст. Мӯяш қаҳваранг аст

НАМУНА

мӯй	*hair*	қаддароз	*tall*	сиёҳ	*black*
бинӣ	*nose*	қадпаст	*short*	кабуд	*blue*
абрӯ	*eyebrow*	безеб	*ugly*	сабз	*green*
гӯш	*ear*	хароб	*skinny*	қаҳваранг	*brown*
чашм	*eye*	фарбеҳ	*fat*	сафед	*white*
лаб	*lip*	зебо	*pretty*	сурх	*red*
хурд	*small*	вазн	*weight*	сарватманд	*rich*
ҷавон	*young*	нав	*new*	камбағал	*poor*
пир	*old (person)*	калон	*big*	боқувват	*strong*
ҷингиламӯй	*curly-haired*	заиф	*weak*	қад	*height*
хушсимо	*handsome*				

Машқи 6: Look at the family pictures and describe where each person is.

Карим дар тарафи рости Салима аст.
Модар дар назди Наргис ва дар тарафи чапи Хуршед аст.

НАМУНА





3. ДАСТУР



3.1. COMPARATIVES AND SUPERLATIVES OF ADJECTIVES

Look at the words and figure out how the comparative and superlative forms of adjectives are formed in Tajiki:

вазнин	**вазнинтар**	heavier
қимат	**қиматтар**	more expensive
хуб	**хубтарин**	the best
калон	**калонтарин**	the biggest
зебо	**бисёр зебо**	very beautiful
арзон	**хеле арзон**	very cheap

In Tajik comparative adjectives are formed by adding the suffix **-тар** to the adjectives; the suffix **-тарин** is used to form superlatives. The preposition **аз** is used for 'than.'

Машқи 7: Fill in the blanks with the appropriate comparative suffix if necessary:

1. Нодира духтари хеле зебо _____ аст
2. Карим аз Акмал калон _____ аст.
3. Бозори Шоҳмансур бозори зебо _____ и Душанбе аст.
4. Ӯ себро бо нархи хеле арзон _____ харид.
5. Халта хеле сабук _____ аст.
6. Самира назар ба Лайлӣ шӯх _____ аст.

Машқи 8: Form the comparatives and superlatives of the following adjectives. Write down five sentences.

Қади Фарҳод аз Наргис дарозтар аст. – Farhod is taller than Nargis. НАМУНА

ADJECTIVE	COMPARATIVE	SUPERLATIVE
калон	*калонтар*	*калонтарин*
хурд	*хурдтар*	*хурдтарин*
ҷавон	_____	_____
пир	_____	_____
фарбеҳ	_____	_____
паст	_____	_____
баланд	_____	_____
безеб	_____	_____
зебо	_____	_____
гарм	_____	_____
хунук	_____	_____
қимат	_____	_____
арзон	_____	_____
камбағал	_____	_____
сарватманд	_____	_____

4. ХОНИШ

Машқи 9: Read and match the adjectives below with their opposites.

қаддароз	a.	хароб	1.
беқувват	b.	пир	2.
ҷавон	c.	камбағал	3.
сарватманд	d.	хурд	4.
калон	e.	боқувват	5.
зебо	f.	безеб	6.
фарбеҳ	g.	қадпаст	7.

Машқи 10: Who is described below? Read about the person described and match the picture with the description.

1. Ӯ хеле ҷавон аст. Ӯ мард нест. Мӯйҳояш сиёҳ ва дарозанд. Ӯ хеле зебо ва шод аст. Ӯ дар саҳна аст. Ӯ кист?

_____

2. Ӯ муҷаррад аст. Мӯҳояш сиёҳи кӯтоҳанд. Чашмонаш ҳам сиёҳ. Қадаш миёна аст. Ӯ пешхизмат аст. Ӯ мард аст. Ӯ кист?

_____

3. Мӯйҳои ӯ сиёҳанд, вале маълум нест, ки дароз ё кӯтоҳ. Ӯ зан аст.Чашмонаш сиёҳанд. Ӯ хароб нест.Ӯ дар бемористон аст. Ӯ парастор аст. Ӯ кист?

_____

4. Ӯ марди камбағал аст. Мӯйҳояш сиёҳанд. Чашмонаш ҳам сиёҳ. Ӯ кор карда истодааст. Ӯ дуредгар аст. Ӯ миёнақад аст. Ӯ кистт?

_____



Анӯша



Каюмарс



Манижа



Дориюш

Машқи 11: ***Дар ҷустуҷӯи бахт.***

A. Read the following personals and match the people according to their criteria.

A.

Ман 46-солаам. Ман соҳибкорам. Номам Мурод аст. Ман аз Хуҷандам. Мехоҳам бо хонуми меҳрубону зебое шинос шавам. Телефони ман: 34-63-52

B.

Номам Шаҳло. Ман тоҷик, 28-сола. Ман аз шавҳар ҷудо шудаам. Бо марди сарватманду боақл шинос шудан мехоҳам. Телефони ман: 23-41-98

C.

Номам Бунафша аст. Ман 39-солаам ва беваам. Ду духтарча дорам. Ман табибам. Телефони ман: 72-34-43

D.

Номи ман Насим аст. Ман аз Душанбе. Ман сиюҳафтсолаам. Ман ҷарроҳам. Шумо 25-32-солаед? Шумо зебоед? Телефони ман: 21-42-30










_____ _____ _____ _____

Vocabulary notes...

- **боақл** – intelligent, smart
- **бо.... шинос шудан мехоҳам** – I would like to meet (get acquainted with) ....
- **меҳрубон** – kind
- **зан** – woman
- **мард** – man
- **ҷудо шудаам** – I am divorced
- **муҷаррадам** – I am not married
- **беваам** – I am a widow

B. Now in the chart provided write a personal ad in which you describe yourself (or someone else) and the person you want to meet. Add your name, age, and telephone number and present it to your classmate.



5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 12: A. Listen and fill in the chart with adjectives.

гӯш	чашм	бинӣ	лаб	мӯй
_____	_____	_____	_____	_____
_____	_____	_____	_____	_____
_____	_____	_____	_____	_____
_____	_____	_____	_____	_____
_____	_____	_____	_____	_____

B. Based on the chart, describe your partner's body parts.

Машқи 13: Listen, fill in the blanks, and read the conversation.

Духтур: Салом, Ҷасур.
Ҷасур: Ассалом, духтурамак. Шумо чӣ хел?
Духтур: Хубам. Ту чӣ?
Ҷасур: Ман ҳам хубам, вале ман айнаки _____ надорам.
Духтур: Хуб, канӣ, бинем. Марҳамат, шин. Ба ин ҷадвал нигоҳ кун."Ӯ" дар куҷост?
Ҷасур: Дар тарафи _____ "Й".
Духтур: Нағз. "У" чӣ?
Ҷасур: "У" дар _____ "Ӯ" ва "К" аст ва "Ҷ" дар зери "Ӯ" аст.
Духтур: Бисёр хуб. _____ "С" кадом ҳарф аст?
Ҷасур: _____.
Духтур: Хеле хуб. Чашмҳои ту бисёр хубанд. То санҷиши соли оянда.
Ҷасур: Бисёр хуб. То дидан.



6. ХАТ

Машқи 14: Fill in the blanks.

1. Ню-Йорк аз Париж _____.
2. Британиёи Кабир аз Амрико _____
3. Амрико аз Ҳиндустон _____.
4. Россия аз Амрико ва_____.
5. Ирландия аз Мексика _____ ва _____.
6. Сингапур аз Берлин _____, лекин _____.
7. Тоҷикистон аз Шветсария _____, вале _____.
8. Тоҷикистон аз Эрон _____, вале _____.

Машқи 15: Write about the people in the pictures below:






1. Қади Парвиз аз Ардашер дарозтар аст.
2. Қади Парвиз аз ҳама дарозтар аст.

НАМУНА

3. _____
4. _____
5. _____
6. _____

Машқи 17: Look at Dilshod's family tree. Complete Dilshod's description of his family by writing in each family member's name and age. Also add some information about their professions and physical characteristics. The first one has been done for you. Use the following kinship terms and do not forget to include the possessive markers:

дада, писар, ака, апа, хоҳар, ука, додар, духтар, бибӣ, бобо, зан, ҳамсар,оча,



Номи падарам Анвар ва модарам Суман аст. Дадаам панҷоҳуҳафтсола аст. Ӯ табиб аст. Модарам панҷоҳупанҷсола аст ва ӯ муҳосиб аст.



VOCABULARY
ЛУҒАТНОМА

абера	*n.* great-grandchild
абрӯ	*n.* eyebrow
авсун	*n.* relationship between the wives of two brothers (sister-in-law by marriage only)
аёдат	*n.* visit
аз хурдӣ	*phr.* from childhood
азнавоиладоршуда	*adj.* remarried
айвон	*n.* balcony (= **балкон**)
ако	*n.* older brother
акс	*n.* photograph (= **расм, сурат**)
алоҳида	*adj.* separate
амак	*n.* father's brother, paternal uncle
амакбача	*n.* cousin (paternal uncle's child)
амма	*n.* father's sister, paternal aunt
аммабача	*n.* cousin (paternal aunt's child)
апа	*n.* older sister
арзон	*adj.* inexpensive, cheap
арӯс	*n.* fiancée, bride
атроф	*prep.* around
афлесун	*n.* orange (fruit, also **норинҷ**)
ахбор	*n.* news
байн	*adj.* middle (see **миён, миёна**)
балкон	*n.* balcony (= **айвон**)
бар	*n.* width
барқ	*n.* electricity
барномасоз	*n.* programmer
бародар	*n.* brother
барпо гардидан	*v.* to take place
баҳона кардан	*v.* to make an excuse
бева	*n.* widower
бегоҳ	*n.* evening
бегоҳӣ	*adv.* in the evening
бедор шудан	*v.* to wake up (*intr.*)

безеб	*adj.* ugly
берун	*n.* outside
бетартиб	*adj.* messy, disorganized (see **чиркин**)
бибию бобо	*n.* grandparents
бибӣ	*n.* grandmother (= **модаркалон**)
бинӣ	*n.* nose
боақл	*adj.* smart, clever (see **доно**)
бобо	*n.* grandfather (= **падаркалон**)
боду ҳаво	*n.* weather (= **обуҳаво**)
бозӣ	*n.* game
бозӣ кардан	*v.* to play
боқувват	*adj.* strong
болo	*prep.* above
бону	*n.* lady; wife, woman (see **зан**)
боҷа	*n.* relationship between the husbands of two sisters (brother-in-law by marriage only)
бузург	*adj.* big, large (= **калон**)
бунафш	*adj.* violet
бурдан (бар)	*v.* to carry, take, bring
бӯр	*adj.* gray
вазифаи хонагӣ	*n.* homework
вазн	*n.* weight
вазнин	*adj.* heavy, difficult
вай	*pron.* he/she
вақт	*n.* time
вале	*conj.* but
варзиш	*n.* sport
васеъ	*adj.* wide
видеокасета	*n.* videotape
видеомагнитофон	*n.* videocassette player, VCR
волид	*n.* parent
волидайн	*n.* parents
вохӯрдан	*v.* to meet
вуҷуд доштан	*v.* to exist
гап задан	*v.* to speak

гармӣ	*n.* heat
гилем	*n.* rug, carpet (= **қолин**)
гирифтан (гир)	*v.* to take, get
голф	*n.* golf
гузоштан (гузор)	*v.* to put
гулобӣ	*adj.* pink, reddish
гуногун (гӯ, гӯй)	*adj.* various, of different kinds
гурба	*n.* cat (= **пишак**)
гуфтан	*v.* to say, tell
гӯш	*n.* ear
гӯш кардан	*v.* to listen
ғижжак	*n. ghijjak*, Tajik musical instrument
давлатӣ	*adj.* state, national, official
дағал	*adj.* rough, rude
дар даст	*phr.* at hand, on hand
дароз	*adj.* long
дарс додан	*v.* to teach
дарун	*n., prep.* inside
даъват кардан	*v.* to invite (**ба** to)
даъватнома	*n.* invitation (card)
дидан (бин)	*v.* to see
додан (диҳ)	*v.* to give
додар	*n.* younger brother (see **ука**)
додарарӯс	*n.* brother-in-law (= **додаршӯй, ҳевар**)
додарзода	*n.* nephew or niece by a brother (see **ҷиян**)
додаршӯй	*n.* brother-in-law (= **додарарӯс, ҳевар**)
доира	*n.* drum, Tajik musical instrument
доирашакл	*adj.* round (= **мудаввар**)
домод	*n.* groom, son-in-law
доно	*adj.* smart, wise (see **боақл**)
дугоник	*n.* twins
дутор	*n. dutor*, Tajik musical instrument
духтар	*n.* daughter, girl
дӯст	*n.* friend, comrade (= **рафиқ, ҷӯра**)

забон	*n.* language, tongue
завҷа	*n.* wife (see **зан**)
заиф	*adj.* weak
зан	*n.* wife, woman (see **бону**, **завҷа**)
зард	*adj.* yellow
зебо	*adj.* beautiful
зер	*prep.* under
зиндагӣ	*n.* life (= **ҳаёт**)
зиндагӣ кардан	*v.* to live, reside (see **сокин будан**); to stay (in some place)
издивоҷ кардан	*v.* to marry
издивоҷшуда	*adj.* married (= **мутааҳҳил**, **оиладор**)
имтиҳон	*n.* exam, test
инсон	*n.* person
истироҳат	*n.* rest
истироҳат кардан	*v.* to have a rest, relax
иҷора	*n.* rent
иҷро кардан	*v.* to fulfill, carry out
кабуд	*adj.* blue
калон	*adj.* big, large (= **бузург**)
калонӣ	*adj.* elder, older (of siblings)
калонсол	*adj.* elder, big (= **куҳансол**)
кардан (кун)	*v.* to do, make
кас	*n.* person (= **шахс**)
кат	*n.* bed
келин	*n.* daughter-in-law, bride
компютер	*n.* computer
курсӣ	*n.* chair
куҳансол	*adj.* old (= **пир**, **солхӯрда**); elder, big (= **калонсол**)
кӯдак	*n.* child, kid
кӯтоҳ	*adj.* short
қад	*n.* height
қадбаланд	*adj.* tall (= **қаддароз**)
қаддароз	*adj.* tall (= **қадбаланд**)
қадпаст	*adj.* short (of height)

қарта	*n.* card
қартабозӣ	*n.* card game
қафо	*prep.* behind
қаҳваранг	*adj.* brown
қим(м)ат	*adj.* expensive
қолин	*n.* rug, carpet (= **гилем**)
қудо	*n.* relationship between groom's and bride's parents
лаб	*n.* lip
лифт	*n.* elevator
майда	*adj.* little, small (= **хурд**)
макон	*n.* place
мард	*n.* man
матбах	*n.* kitchen (= **ошхона**)
маҳбуба	*n.* girlfriend, sweetheart
меҳрубон	*adj.* kind
миён	*n., adj.* middle (see **байн, миёна**)
миёна	*adj.* middle (see **байн, миён**)
миз	*n.* desk
модар	*n.* mother
модарарӯс	*n.* mother-in-law
модаркалон	*n.* grandmother (= **бибӣ**)
модаршӯй	*n.* mother-in-law (= **модарарӯс, хушдоман**)
мондан (мон)	*v.* to put
мудаввар	*adj.* round (= **доирашакл**)
муйсафед	*n.* old man
мумкин	*adj.* allowed
мусиқии анъанавӣ	*n.* classical or traditional music
мусиқӣ	*n.* music
мутааҳҳил	*adj.* married (= **издивоҷшуда, оиладор**)
муҷаррад	*n.* bachelor, single
мӯй	*n.* hair
набера	*n.* grandchild
наберадухтар	*n.* granddaughter
набераписар	*n.* grandson

навор	*n.* film
навохтан (навоз)	*v.* to play a musical instrument
назар	*n.* opinion
назд	*prep.* near
нарх	*n.* price
нахустин	*adj.* first
нигоҳ кардан	*v.* to look (**ба** at)
ним	*n.* half
нисфирӯзӣ	*adj.* noontime, midday, early afternoon
номзад	*n.* fiancé, fiancée
нопок	*adj.* unclean; tainted, corrupt (see **чиркин**)
норинҷ	*n.* orange (fruit, also **афлесун**)
нӯшидан	*v.* to drink
оби гарм	*n.* hot water
оила	*n.* family (=**хонавода**)
оилавӣ	*adj.* of the family
оиладор	*adj.* married (= **издивоҷшуда, мутааҳҳил**)
ойина	*n.* mirror
охирин	*adj.* last
ошёна	*n.* floor
ошхона	*n.* kitchen (= **матбах**)
пагоҳӣ	*n.* in the morning
падар	*n.* father
падарарӯс	*n.* father-in-law (bride's side)
падаркалон	*n.* grandfather (= **бобо**)
падаршӯй	*n.* father-in-law (= **падарарӯс, хусур**)
парда	*n.* curtain
паридан (пар)	*v.* to fly
паст	*adj.* low; *adv.* slightly
паҳлӯ	*prep.* next to
пеш	*n.* front; *adv.*, ago; *prep.* before, ahead (often with **аз**)
пианино	*n.* piano

пир	*adj.* old (= **куҳансол, солхӯрда**)
писар (писарбачча)	*n.* son, boy
пишак	*n.* cat (= **гурба**)
покиза	*adj.* clean (= **тоза**)
пухтан	*v.* to cook
пушт	*prep.* back, behind
равшан	*adj.* bright
радио	*n.* radio
рақс	*n.* dance
расм	*n.* photograph (= **акс, сурат**)
рафи китоб	*n.* bookshelf
рафиқ	*n.* friend, comrade (= **дӯст, ҷӯра**)
рафтан (рав)	*v.* to go
регбӣ	*n.* rugby
рок	*n.* rock music
рондан (рон)	*v.* to drive
рост	*adv.* right
рубоб	*n. rubob*, Tajik musical instrument
рустшавакон	*n.* hide and seek (*game*)
рӯзҳои истироҳат	*n.* weekend
сабз	*adj.* green
сабт кардан	*v.* to record
сабук	*adj.* light (not heavy), easy, quick
саг	*n.* dog
сағира	*n.* orphan (= **ятим**)
санаи таваллуд	*n.* date of birth
санҷиш	*n.* examination, test
сарватманд	*adj.* rich (= **бой**)
сафед	*adj.* white
сетор	*n. setor*, Tajik musical instrument
сиёҳ	*adj.* dark
синну сол	*n.* age
сокин будан	*v.* to live, inhabit (see **зиндагӣ кардан**)
солхӯрда	*adj.* old (= **куҳансол, пир**)
соҳибкор	*n.* businessman

сурат	*n.* photograph (= **акс, расм**)
суроға	*n.* address
суруд хондан	*v.* to sing
сурх	*adj.* red
табиб	*n.* physician, doctor
таблак	*n.* small drum, Tajik musical instrument
тағо	*n.* mother's brother, maternal uncle
тағобача	*n.* cousin (maternal uncle's child)
талоқ	*n.* divorce (= **ҷудошавӣ**)
талоқшуда	*adj.* divorced (= **ҷудошуда**)
тамошо кардан	*v.* to watch
танг	*adj.* narrow
тараф	*n.* side
тасвир кардан	*v.* to describe
таҳқир кардан	*v.* to offend (= **хафа кардан**)
телевизор	*n.* TV set
телефон	*n.* telephone
теннисбозӣ	*n.* tennis
тиллоранг	*adj.* golden, gold-colored
тоза	*adj.* clean (= **покиза**)
тӯй	*n.* wedding (= **тӯи арӯсӣ**); party
узви оила	*n.* family member
ука	*n.* younger sibling (see **додар, хоҳар**)
устод	*n.* professor, master
уток	*n.* room (= **хона, ҳуҷра**)
фақат	*adv.* only
фарбеҳ	*n., adj.* fat
фарзанд	*n.* child
фарқ	*n.* difference
фаррош	*n.* janitor
фотиҳа шудан	*v.* to be/get engaged
фотоаппарат	*n.* camera
фурӯхтан	*v.* to sell (**фурӯш**)
футбол	*n.* soccer

хабарҳои варзиш	*n.* sports news
халта	*n.* bag
харидан (хар)	*v.* to buy
хароб	*adj.* thin
хафа кардан	*v.* to offend (= **таҳқир кардан**)
хеш (хешованд)	*n.* relatives
хешӣ	*n.* family relationship
хислат	*n.* character, personality
хола	*n.* mother's sister, maternal aunt
холабача	*n.* cousin (maternal aunt's child)
хона	*n.* house, home; room (= **уток, ҳуҷра**)
хонавода	*n.* family (= **оила**)
хонаи дуҳуҷрагӣ	*n.* one-bedroom (two-room) house
хондан (хон)	*v.* to read, study
хонум	*n.* Miss, Ms., lady
хор	*n.* thorn
хоҳар	*n.* sister
хоҳарарӯс	*n.* sister-in-law (= **хоҳаршӯй**)
хоҳарзода	*n.* nephew or niece by a sister (see **ҷиян**)
хоҳаршӯй	*n.* sister-in-law (= **хоҳарарӯс**)
хурд	*adj.* little, small (= **майда**)
хусур	*n.* father-in-law (groom's side)
хушдоман	*n.* mother-in-law
хушрӯ	*adj.* handsome, beautiful
хушсимо	*adj.* handsome, beautiful
хӯрдан (хӯр)	*v.* to eat
ҳаёт	*n.* life (= **зиндагӣ**)
ҳайвоноти хонагӣ	*n.* pets
ҳамкор	*n.* co-worker, colleague, partner (= **шарик**)
ҳамсар	*n.* spouse (see **бону, завҷа, зан, шавҳар, шӯй**)
ҳамсинф	*n.* classmate
ҳамсоя	*n.* neighbor

ҳевар	*n.* brother-in-law (= **додарарӯс, додаршӯй**)
ҳисобкунак	*n.* calculator
ҳуҷра	*n.* room (= **уток, хона**)
чабера	*n.* great-great-grandchild
чароғ	*n.* lamp
чашм	*n.* eye
чиркин	*adj.* dirty, filthy (see **нопок**); messy (= **бетартиб**)
ҷавон	*adj.* young
ҷавонзан	*n.* young lady
ҷавонтар	*adj.* younger
ҷаз[1]	*n.* fried fat from around the tail of a sheep
ҷаз[2]	*n.* jazz
ҷаноб	*n.* sir, mister, Mr., gentleman
ҷарроҳ	*n.* surgeon
ҷевони либос	*n.* closet
ҷиддӣ	*adj.* serious
ҷингиламӯй	*adj.* curly-haired
ҷиян	*n.* nephew, niece (includes **додарзода** and **хоҳарзода**)
ҷудошавӣ	*n.* divorce (= **талоқ**)
ҷудошуда	*adj.* divorced (= **талоқшуда**)
ҷӯра	*n.* friend, comrade (= **дӯст, рафиқ**)
шавҳар	*n.* husband (= **шӯй**; see **ҳамсар**)
шавҳаркарда	*adj.* married (of a woman)
шарик	*n.* colleague, partner (= **ҳамкор**)
шармгин	*adj.* shy
шахс	*n.* person (= **кас**)
шашмақом	*n. shashmaqom*, classical music of the Tajiks
шинос кардан	*v.* to introduce
шоҳмот	*n.* chess
шудан (шав)	*v.* to become
шунидан (шунав)	*v.* to hear
шӯй	*n.* husband (= **шавҳар**; see **ҳамсар**)

шӯх	*adj.* funny, witty
язна	*n.* brother-in-law (sister's husband, = **почо**)
якчанд	*adj.* quite a few
янга	*n.* brother's wife
ятим	*n.* orphan (= **сағира**)

Боби ҳафтум
CHAPTER SEVEN



ДАР БОЗОР
AT THE BAZAAR







IN THIS CHAPTER

- **Мубодилаи арз** Money Exchange
- **Қаторҳои бозор** Market Rows
- **Чанд пул?** How Much?
- ***Луғатнома*** Vocabulary



А. МУБОДИЛАИ АСЪОР A. MONEY EXCHANGE

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: Listen and practice.



пул



сомонӣ



дирам=0.01сомонӣ



танга



хозин (кассир)



харидор



бонк



мубодилаи арз

Машқи 2: A. Below are pictures of money exchange offices in Dushanbe. Read the text in the pictures and fill in the blanks.







B. Which countries have the following currencies?

Сӯм	_____
Доллар	_____
Евро	_____
Тенге	_____
Сомонӣ	_____
Манат	_____
Фунт	_____
Сом	_____
Рубл	_____



2. ГУФТУГӮ

Машқи 3: *Пулатро иваз кардӣ?* Listen, fill in the blanks, and practice.

Нигора: **Собир, дирӯз пулатро иваз кардӣ?**
Собир: Ҳа, ман аввал ба дӯкони мубодилаи _____ рафтам. Онҳо пули маро иваз накарданд. Пули тоҷикии онҳо кам буд. Онҳо ба ман суроғаи _____ ро доданд. Баъд ман пуламро дар бонк иваз кардам.
Нигора: **Фаҳмо. Ман ба ту ду бор _____ задам, касе ҷавоб надод.**
Собир: Ту соати чанд занг задӣ?
Нигора: **Соати шаш ва _____ дақиқа.**
Собир: Фаҳмо, ман дар ин вақт бо дӯстам Ҷон дар бонк будам.
Нигора: **Ту як долларро ба чанд _____ иваз кардӣ?**
Собир: Нархи як _____ дар он ҷо _____ буд.
Нигора: **Хеле хуб. Ҷон чӣ? Ӯ ҳам пулашро иваз кард?**
Собир: Ҷон пули аврупоӣ дошт. Ӯ ҳам пулашро иваз кард. Пули аврупоӣ каме _____ буд.
Нигора: **Бисёр хуб, ҳоло _____ мушкиле надоред?**
Собир: Не.
Нигора: **Хайр, то боздид.**
Собир: То дидан.



3. ДАСТУР

COMPOUND VERBS IN THE SIMPLE PAST TENSE

The verbs you learned in earlier chapters were simple verbs. Tajiki also has compound verbs, which are made up of a noun or an adjective and a simple verb. The most common simple verbs that form compound verbs are **кардан** 'to do,' **доштан** 'to have,' **намудан** 'to appear,' **додан** 'to give,' **задан** 'to hit,' and **шудан** 'to become.' The meaning of the verb is determined by the noun or adjective; for example, **сабз** 'green' gives **сабз кардан** 'to grow,' **кор** 'work' gives кор **кардан** 'to work,' **дӯст** 'friend' gives **дӯст доштан** 'to like,' and **занг** 'bell' gives **занг задан** 'to telephone, call, ring (of telephone).' The noun or adjective is written separate from the verb, and receives the stress. The verbal part is conjugated the same way whether as a simple or a compound verb.





4. ХОНИШ

Машқи 4: Read the bank advertisement and fill in the blanks.

1. *Which countries are covered by Amonatbonk?*

2. Who is the guaranty for its service?

3. Why is "Western Union" mentioned?

4. How much time does it take to send money from London?

5. How much is the service payment for money transferred from Russia?

6. How many branches does it has nation- wide?

«Амонатбонк»

дар хидмати шумост!

- Қаламрави мо - аз Ягноби Зарафшон то Бартанги Бадахшон!
- Робита ва ҳамкорихон мо - аз Маскав то Вашингтон!
- Кафили аминияти иқтисодии мизоҷони мо - Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати молияи Тоҷикистон
- «Амонатбонк» - шомили системаи умумиҷаҳонии «Вестерн-Юнион» буда, бо тамоми мамолики дунё робита дорад.
- Дар ин ҷо шумо метавонед:
- интиқоли пули хешовандонатонро аз Лондон ё Сингапур баъди 10 дақиқа ирсол шудани он дастрас намоед;
- бизоати худро дар бозорхои пойтахт фурӯхта, пули онро каблан ба дехан худ фиристед;
- барои интиқоли пулии пайвандонатон аз Русия хамагӣ 2% хакки хизмат супоред;
- «Амонатбонк» дар 519 агентии худ дар хама дехоти кишвар ба нафақахӯрон пули нафақашонро дар сари вақт мерасонад.
- Аз хизмати «Амонатбонк» бахра баред.

Нишонии он:
Ҷумхурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе,
кӯчаи Лохутӣ, 24,
Тел: 21-70-81, 23-14-33.

Машқи 5: Read the conversation with a partner. Then make your own and act it out.

Харидор: **Салом, пули маро иваз кунед.**
Кассир: Шумо чӣ хел пул доред?
Харидор: **Пули ман доллари амрикой.**
Кассир: Нархи як доллар се сомонию даҳ дирам аст.
Харидор: **Ҳамин 100 -долларро иваз кунед.**
Кассир: Марҳамат, се саду даҳ сомонӣ.
Харидор: **Ташаккур.**



5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 6: Listen to the CD. Check whether the sentences are true or false.

Н	Д	
—	—	1.Сомонӣ пули миллии Тоҷикистон аст.
—	—	2. Як сомонӣ ба сад дирам баробар аст.
—	—	3. Пули дирам танга аст.
—	—	4. Доллар пули миллии Тоҷикистон аст.
—	—	5. Рубл пули Русия аст.
—	—	6. Сомонӣ пули Тоҷикистон нест.
—	—	7. Номи пули Тоҷикистон тенге аст.
—	—	8. Пули аврупой евро аст.





Машқи 7: Listen and complete the sentences with the verbs in the list below.

иваз кардан 'to exchange'
нишон додан 'to show'
муроҷиат кардан 'to apply, turn, appeal to'
ҳисоб кардан 'to count'
бовар кардан ' to believe'
тарҷума кардан 'to translate'
ҳурмат кардан 'to respect'
занг задан 'to call'
кор кардан 'to work'
машғул шудан 'to be busy'

1. Манижа ба амакаш _____
2. Гулрухсор роҳи бонкро ба дӯсташ _____
3. Пулро дар кӯча _____
4. Падару модари худро _____
5. Холаи Саъдӣ панҷ сол дар бонк _____
6. Ман соли гузашта бо омӯзиши забони форонсавӣ _____
7. Ба гапҳои нодуруст _____
8. Ҳамеша пули худро дар назди хозин _____
9. Барои мубодилаи пул ба банк _____
10. Лутфан, калимаи хозинро ба забони англисӣ _____

6. ХАТ

Машқи 8: Write a report for the Tajik University newspaper about your experiences in Tajikistan telling other people how to exchange money. Be very careful. Your report must be complete. If you leave something out, future visitors will be unprepared for unexpected situations.



Машқи 9: ***Кор бо шарик.*** Write a short script between a cashier and a customer in an exchange office. Act out the play in front of the class.

Харидор: Мана, ин даҳдолларро иваз кунед.
Кассир: Хуб шудаст.

НАМУНА

7. *ТАМОШО КУНЕД!*



Машқи 10: A. Have you ever exchanged money? What unusual situations may happen during the exchange? Discuss these questions with a partner and ask each other about your experiences. (Use your imagination if you haven't ever exchanged money.)

B. Now you will watch a video about exchanging money in Dushanbe. First watch the video with the sound off and guess what happened with Farzona.

C. Watch the video with the sound on, listen to the dialogue between Farzona and the cashier, and fill in the blanks:

Фарзона: _____
Кассир: _____
Фарзона: Мебахшед, ҳамин пули бистдолларарo иваз кунед.
Кассир: Ҳозир. ..... Мебахшед пулам _____ шудааст.
Фарзона: Ин пули ман бошад? Ба фикрам, _____ пули ман не.
Кассир: Ҳа, пули _____ аст.
Фарзона: Ин ҷо ман рақамашро навишта будам. Бинед, ин пули ман не, ин доллари қалбакӣ!
Кассир: Мебахшед, _____ пули Шумо.
Фарзона: Ҳа, _____ пули ман, _____, ташаккур.
Кассир: Саломат бошед.



D. Watch the dialogue again and answer the following questions:

1. Фарзона чӣ гуна пулро иваз кардан мехост? _____

a. тангаи Қазоқистон
b. доллари ИМА
c. сӯми Ӯзбакистон
d. рубли Россия

2. Барои чӣ кассир пули Фарзонаро иваз накард? _____

a. пул надошт
b. мехост Фарзонаро фиреб диҳад
c. вай доллари амрикоиро иваз накард
d. пули Фарзона қалбакӣ буд

3. Чаро Фарзона дафтарчаашро аз кисааш баровард? _____

a. барои дидани суроғаи нуқтаи дигари мубодилаи арз
b. барои навиштани номи кассир
c. барои гузоштани пул
d. барои тафтиши рақами пул

E. Answer the following questions.

1. Фарзона пулро дар куҷо иваз кард?

_____

2. Барои чӣ Фарзона пулро ба кассир боз гардонид?

_____







Post-listening activities

F. Discuss the following questions in Tajiki:

1. Are you surprised that there are many exchange offices in Dushanbe? Why or why not?
2. Would a Tajik visitor have difficulty finding an exchange office in the US?
3. Why are there so many exchange offices in Dushanbe? Are they for tourists or for local people?
4. Why do local people need a lot of exchange offices?





Барги сабз

The exchange office is a new phenomenon in Tajikistan. After the collapse of the Soviet Union, new banknotes were introduced several times and savings were devalued, so local people felt more secure keeping their savings in foreign currencies (mostly in USD) rather than the national currency. Now most people keep their savings in dollars or euros. Therefore, before going to the market people usually exchange their dollars or euros for the local currency. Another reason for appearance of many exchange offices in Tajikistan is the high rate of unemployment. Men often work in other countries, mostly in Russia, to earn a living. The money earned outside the country is transferred to Tajikistan in dollars or Russian rubles.

An increase in the number of foreign visitors and international organizations is another reason for this.





Б. ҚАТОРҲОИ БОЗОР B. MARKET ROWS

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: A. Listen and practice.


помидор


бодиринг


редиска


хурмо


пиёзи кабуд


нок


тарбуз


турб


сирпиёз


каду


анор


харбуза


шалғам


ангур


нон


себ

B. Bazaars are arranged in rows of stalls. Each row is devoted to one type of food. Read the name of each row in the chart below and guess what is in it. Then put the names of the items above in the appropriate columns.



Сабзавот	Мева	Полизӣ

C. Look at pictures below and write the names of the fruits and vegetables you see.



2. ГУФТУГӮ

Машқи 2: *Дар бозор.* Listen to the conversation and fill in the blanks.

Ҷамол: **Салом ҷӯраҷон, дина ту дар куҷо будӣ?**
Суруш: Ман ба бозор рафтам ва каме мева харидам.
Ҷамол: **Хӯш, нархҳо чӣ хел буданд?**
Суруш: Оҳ, напурс. Як ҳафта пеш як кило себ ду сомонӣ буд. Дирӯз ман як кило себро _____ харидам. Бин, дар як ҳафта як сомонӣ _____ шуд.
Ҷамол: **Нархи _____ чӣ?**
Суруш: Якто _____ се сомонӣ буд, ҳоло панҷ сомонӣ аст. Он ҳам _____ қиматтар шуд.
Ҷамол: **Наход, чаро нархҳо _____ қимат шудаанд?**
Суруш: Намедонам, ба фикрам, ҳаво боронӣ буд ва _____ ба бозор наомаданд.
Ҷамол: **Ман чор рӯз пеш _____ ангурро ба ду сомонӣ харидам. Ҳоло чанд пул аст?**
Суруш: Нархи _____ ҳамон хел аст. Мебахшӣ, ҷӯраҷон, касе ба хонаам омад, хайр, то сӯҳбати _____.
Ҷамол: **Хайр, хуш бош.**

Машқи 3: Make your own dialogue and practice with a partner.



3. ДАСТУР

USE OF БУДАН AND ШУДАН.

As you have learned, the predicate endings and **будан** mean *'to be'* and are used to describe the condition of something; they indicate a state. The verb **шудан** *'to become'* is used to indicate a change of state. Thus, **шудан** is often used in sentences with comparative forms of adjectives, but it can be used with any adjective.

Дирӯз ҳаво хунук буд. 'Yesterday the weather was cold.'
Имрӯз боз хунуктар шуд. 'Today it got a little colder.'

Нархи тарбуз як ҳафта пеш арзон буд.
'A week ago melons were cheap.'
Ҳоло тарбуз хеле қимат шуд.
'Now melons are (have become) very expensive.'







4. ХОНИШ

Машқи 4: Read the text and underline all forms of the verb **будан** and **шудан**.

Шаҳри Душанбе деҳаи хурд буд. Ин деҳа бозори калон дошт. Ҳар рӯзи душанбе одамон ба он ҷо барои харид меомаданд. Аҳолии ин деҳа зиёд набуд. Дар чанд даҳсола ин деҳа шаҳри калону зебо шуд. Кӯчаҳояш калону обод ва аҳолиаш бисёр шуд. Ҳоло аҳолии шаҳри Душанбе тақрибан як миллион аст. Ин шаҳр пойтахти Тоҷикистон аст. Мо соли 2004-ум 80-солагии шаҳри Душанберо ҷашн гирифтем. Шаҳри мо шаҳри офтобист. Ба Душанбе хуш омадед!



5. ТАМОШО КУНЕД!



Машқи 5: A. Watch the video and answer the following questions.

1.	**Мард аз кадом қатор харид кард?**						___
a.	мева	b.	сабзавот	c.	кабудӣ	d.	мағздона
2.	**Ӯ кадом меваро харид?**						___
a.	гелосу нок	b.	ноку зардолу	c.	гелосу шафтолу	d.	шафтолую ангур

B. Listen again and answer **дуруст** or **нодуруст**.

Д	Н	
___	___	1. Фурӯшанда нархи гелосро се сомонӣ гуфт.
___	___	2. Мард ду кило шафтолу харид.
___	___	3. Фурӯшанда ба арзон кардани нархи гелос розӣ шуд.
___	___	4. Фурӯшанда аз мард чанд кило себ хариданашро пурсид.



C. Now watch the video again and number the sentences in the correct order:

___	Мешавад.
___	Як кило аз ин, як кило аз ин баркашед.
___	Гелос чор сомон.
___	Ин шафтолу чанд шуд?
___	Чанд мешавад,арзон?
___	Ваалейкум ассалом.
___	Инаш якуним, инаш сеюним.
___	Ташаккур
___	Ин ду сомон.
___	Марҳамат.
___	Чор сомон?
___	Ассалому алейкум.
___	Арзон намешавад?
___	Гелос чанд пул шуд?

Post-listening activities


D. Discuss with your partner the following questions:

1. Why there are no labels at the bazaar?
2. Do you like bargaining? Why or why not?



6. ХАТ


Машқи 6: Look at the cartoon below and write a short story about it. What is the truck driver thinking about?



Bargaining Culture

Bargaining is part of Central Asian culture. People normally don't buy anything without bargaining to lower the price. The seller usually exaggerates the price to leave a space for bargaining because the customer will start bargaining from half the initial price. Eventually the buyer and seller will arrive at a reasonable price that will not hurt anybody's pocketbook. So, if you go to a Central Asian market, you will notice that there are no price labels for most of the items because there are no fixed prices and everything can be negotiated. The buyer also can taste anything before buying it.





В. ЧАНД ПУЛ? C. HOW MUCH?

1. СЕҲРИ СУХАН!

Машқи 1: A. Listen and practice.

себи хубонӣ
харбузаи мирсанҷилӣ
тарбузи лалмӣ
ангури тойфӣ
ангури ҳусайнӣ
кадуи ошӣ
зардолуи қандак
ҳандалак

B. How are fruit named in your country? Make a list and go through it with your partner. Switch roles.





2. ГУФТУГӮ



Машқи 2: ***Кадомаш маъқул?*** A. Listen, fill in the blanks, and practice the conversation.

А: Зарина, ин себҳоро бин. _____ ва ба фикрам хеле бомаззаанд.
В: _____? _____?
А: Не, _____.
В: _____?
А: Ҳа, хеле зебо-а?
В: Ҳа, _____ аст, вале ба ман _____ _____. Ба ман _____ _____ маъқул аст.
А: Ин хел бошад, мана ин себро бин.
В: _____?
А: _____.
В: Ҳа, ба ман ин себ хеле маъқул аст.

B. Listen to the rest of the conversation. What else do they buy?

Машқи 3: ***Кор бо шарик.*** Put the items for sale on your desk or table – pictures of fruit in different colors.

Student A: You are the clerk. Answer the customer's questions.
Student B: You are the customer. Ask about the price for each item. Say if you want to buy it.

А: Чӣ хизмат?
В: Ин себҳо чанд пул?
А: Кадомаш?

Now change roles.



Машқи 4: *Кор бо шарик.* Compare the fruit. Give your own opinion.

А: Ба ту кадом мева маъқул аст?
В: Ба ман себ маъқул аст, зеро фоидаи он зиёд аст.

3. ДАСТУР



3.1. DEMONSTRATIVES *(THIS ONE, THAT ONE)*

There are special demonstratives used when picking out something from a specified group. They are formed by adding the 3rd person singular possessive marker **-аш** to the basic demonstratives; this construction can also be used with adjectives.

Ин себ чанд пул аст?	**Он** себ?	**Кадомаш**?
Инаш?	**Ваяш?**	**Зардаш.**

This construction is not used with plural demonstratives but can be used with plural adjectives, which take the plural possessive suffix **-ашон**.


Ин тарбузҳо чандианд?	**Он** тарбузҳо?	**Кадомашон**?
Инҳо?	**Онҳо**?	Рах-раҳҳояшон?





Машқи 5: Complete the conversations. Then practice with a partner.

1. **А: Бубахшед, ин себҳо чанданд?**
   В: _____? Шумо инҳоро гуфтед?
   А: Не, зардҳояшон.
   В: Ҳаа, нархи _____ 2 сомонӣ аст.
   А: Ду сомонӣ? Бешӯхӣ?
2. А: Ангур чанд шуд?
   В: _____?
   А: Мана инаш, ангури ҳусайнӣ.
   В: _____ 2 сомонӣ, _____ 3.
   А: Шудаш чанд аст?
   В: _____ якуним, _____ дуюним.
   А: Як кило аз _____ ва ду кило аз _____ диҳед.
   В: Марҳамат.



Машқи 6: Add prices to the items. Then ask and answer questions.

Шафтолу чанд аст?	_____
Кадомаш?	_____
Шафтолуи сурх.	_____
3 сомонӣ.	_____
Ӯҳӯ, хеле қимат-ку!	_____

USEFUL EXPRESSIONS

Ин арзон аст.	Шудаш чанд аст?
Ин қимат аст.	Арзонтар намешавад?



4. ХОНИШ

Машқи 7: Complete the conversation. Then practice with a partner.

1. А: Кадом тарбуз калонтар аст?
   В: Инаш калонтар аст, вале ваяш арзонтар аст.

2. А: Ин ангур аз он ангури тойфӣ ва ҳусайнӣ бомаззатар аст?
   В: Не, ана ин кишмиши сиёҳ аз ҳама бомаззатар аст.

3. А: Ин зардолуҳоро бин! Кадомаш ба ту бисёртар маъқул аст?
   В: Ба ман инаш бисёртар маъқул аст. Зеро ин зардолуи қандак аст.

4. А: Ба ту кадом мева бисёртар маъқул аст?
   В: Ба ман гелос аз ҳама бисёртар маъқул аст.
   А: Кадомаш? Гелоси зард ё ҷигарӣ?
   В: Албатта, гелоси ҷигарӣ, чунки он ширинтар аст.

Машқи 8: Read the text below and answer the questions.

МАВИЗИ СИЁҲ

6 кило

1 халта
18 сомони

нархи 1 кило
3 сомонӣ

ПИСТАИ ЭРОН

4 кило

1 халта
46 сомони

нархи 1 кило
11.5 сомонӣ

1. Нархи як халта мавизи сиёҳ чанд аст?

2. Вазни як халта мавизи сиёҳ чӣ қадар аст?

3. Нархи як кило мавиз чанд аст?

4. Нархи як халта пистаи эронӣ чанд аст?

5. Вазни умумии як халта пистаи эронӣ чанд аст?

6. Нархи як кило пистаи эронӣ чанд аст?

7. Нархи кадом маҳсулот арзонтар аст?

8. Кадом халта қиматтар аст?

9. Кадом халта вазнинтар аст?



5. ГӮШ КУНЕД

Машқи 8: *"Дар растаи меваҳо!"* Listen to Muzaffar and Rustam shopping. Complete the chart.


мева	нарх	Онҳо хариданд?		Сабаб
		Не	Ҳа	
тарбуз				
себ				
лимӯ				
анор				

Машқи 9: *Кадомаш ба ту маъқул аст?*
A. Listen, fill in the blanks, and practice.

Лола: Бубин, ин ангурҳо чӣ хел зебоянд? Ба ту _____ _____ маъқул аст?
Санавбар: Ба ман _____.
Лола: _____? Чаро?
Санавбар: Он бомаззатар аст.
Лола: Ба ман _____ маъқул аст. Он _____ _____ аст.
Санавбар: Лекин он _____ аст.
Лола: Дуруст. Бубахшед, нархи ангур чанд аст?
Фурӯшанда: Кадомаш?
Лола: _____.
Фурӯшанда: Инаш?
Лола: Ҳа,_____.
Фурӯшанда: 5 сомонӣ.
Лола: 5 сомонӣ? Ӯҳӯ, хеле қимат-ку!
Санавбар: Гуфтам-ку!
Фурӯшанда: Барои Шумо 4 сомонӣ.
Лола: Ду кило диҳед.



B. Listen to the rest of the conversation. What does Sanavbar buy? How many kilos?



Машқи 10: Listen and practice.

Ба ту кадомаш маъқул аст?
Ба ман ваяш маъқул аст.
Ба ӯ сурхаш маъқул аст.
Кадомаш бисёртар маъқул аст?
Кадомаш камтар маъқул аст?
Ба ман сурхаш бисёртар маъқул аст.
Ваяш аз сурхаш арзонтар аст.
Инаш аз онаш бомаззатар аст.
Себи сурх аз себи зард калонтар аст.
Ин анор аз вай анор турштар аст.



6. ХАТ



Машқи 11: How much do these fruit cost in your country? Complete the chart and then compare the prices in your country with the prices in Tajikistan.

3 СОМОНӢ = $1

	Нарх дар кишвари ман	Нарх дар Тоҷикистон
харбуза (1 дона)	_____	2 сомонӣ
ангур (1 кило)	_____	3 сомонӣ
себ (1 кило)	_____	1 сомонӣ
каду (1 дона)	_____	50 дирам

Дар Тоҷикистон бисёр чиз назар ба Амрико арзонтар аст. Масалан, дар Амрико як кило себ 3 доллар аст ва дар Тоҷикистон он фақат 1 сомонӣ - 33 сент аст. Як кило ангур.....

НАМУНА

Машқи 12: Conjugate the following verbs in the simple past tense.

харидан	to buy	_____
фурӯхтан	to sell	_____
савдо кардан	to bargain	_____
пурсидан	to ask	_____
ҷавоб додан	to answer	_____
иваз кардан	to exchange	_____
нишон додан	to show	_____
баркашидан	to weigh	_____

НАМУНА

ман харидам
ту харидӣ
ӯ (вай) харид



7. ТАМОШО КУНЕД!



Машқи 13: ***Pre-listening activities***

1. What kinds of items would you find being sold at a bazaar? Would you ever go to such a market? Why or why not?
2. What kinds of meat are these? Can you guess how much a kilo of meat costs in Dushanbe?
3. Where do you buy the meat? Do you buy it by the piece or by weight?





Listening activities

1.	Муйсафед ба фурӯшанда чӣ гуна муроҷиат кард?

a.	писар	b.	додар	c.	ака	d.	дада

2.	Фурӯшанда нархи гӯштро чанд пул гуфт?

a.	чор сомонӣ	b.	ҳафту шашсад	c.	панҷуним сомонӣ	d.	шашу ҳаштсад

3.	Мӯйсафед ба чанд сомонӣ гӯшт харид?

a.	20 сомонӣ	b.	10 сомонӣ	c.	7 сомонӣ	d.	12 сомонӣ

Post-listening activities

5. Create your own dialogue with the seller and a different customer. Try selling two new things.

Фурӯшанда:	_____
Харидор:	_____
Фурӯшанда:	_____
Харидор:	_____
Фурӯшанда:	_____
Харидор:	_____
Фурӯшанда:	_____
Харидор:	_____
Фурӯшанда:	_____
Харидор:	_____

Buying meat

In most Central Asian countries people usually do not buy their meat in the regular stores but in butcher's shops, some of which are located in the bazaars. There are separate butcher's shops in other parts of the city. In the Central Asian and Muslim traditions people prefer to eat freshly-slaughtered meat. It is part of Tajik culinary customs to get meat with the bones left in. There is a saying, "**Гӯшт бе устухон намешавад**" (Meat without bones won't do; real meat has always bones in it). Meat with bones is used in a number of different dishes.



Color symbolism

In Tajik culture, the colors have symbolic meanings. For example:

green **сабз** – eternity; youth
blue **кабуд** – funeral
yellow **зард** – illness
red **сурх** – pride; good health
black **сиёҳ**– tragedy, evil
white **сафед** – cleanliness; luck



VOCABULARY
ЛУҒАТНОМА



Австралия	*n.* Australia
амният	*n.* safety; security
Англия	*n.* England
ангур	*n.* grapes
анор	*n.* pomegranate
арақ	*n.* alcohol/vodka
арзон	*adj.* cheap, inexpensive, low-priced
асал	*n.* honey
асп	*n.* horse
афлесун	*n.* orange (fruit, = **норинҷ**)
аҳолӣ	*n.* inhabitants, population
аҳром	*n.* food pyramid
банан	*n.* banana
банк	*n.* bank (financial) (= **бонк**)
баргардондан	*v.* to return, give back, bring back; restore
баркашидан	*v.* to weigh
баровардан	*v.* to take out (**аз** from)
бахшидан	*v.* to forgive
баҳор	*n.* spring (season)
баҳра бурдан	*v.* to enjoy, take pleasure in, benefit from
бегоҳ	*n.* evening
бенамак	*adj.* salt-free (= **фач**)
биринҷ	*n.* rice
бовар кардан	*v.* to believe
бодиққат	*adv.* attentively, closely; carefully
бодинҷон	*n.* eggplant
бодиринг	*n.* cucumber
бозор	*n.* market, bazaar
бомазза	*adj.* tasty, delicious; good, nice
бонк	*n.* bank (financial) (= **банк**)
буқоқ	*n.* goiter; wen (= **ҷогар**)
бурида	*n.* slice



витамин	*n.* vitamin
гандум	*n.* wheat
гардон(и)дан	*v.* to turn around, return (*trans.*), hand back (**ба** to)
гелос	*n.* sweet cherry
гов	*n.* cow
гуна	*n.* kind, type
гурусна	*adj.* hungry
гуфтугӯ	*n.* conversation, talk, chat
гӯсфанд	*n.* sheep
гӯшт	*n.* meat
гӯшти барра	*n.* lamb
гӯшти гов	*n.* beef
гӯшти гӯсфанд	*n.* mutton
гӯшти хук	*n.* pork
ғалла	*n.* corn
ғалладона	*n.* grain
ғафс	*adj.* thick
ғизо	*n.* meal
дандон	*n.* tooth, teeth
дег	*n.* pot, cauldron
дирам	*n.* unit of Tajik currency (0.01 **сомонӣ**)
доллар	*n.* dollar
дӯкони ширфурӯшӣ	*n.* dairy store
евро	*n.* euro
зайтун	*n.* olive
замбӯрӯғ	*n.* mushroom
занг задан	*v.* to call on the telephone (intransitive, requires **ба** to)
зардии тухм	*n.* yolk
зардолу	*n.* apricot
зарф	*n.* vessel; glass
зиёд	*adj.* much; a lot; plenty of
зиёфат	*n.* party
зимистон	*n.* winter
зиндон	*n.* jail



зира	*n.* cumin
зуком	*n.* influenza, grippe, flu
иваз кардан	*v.* to exchange, change, swap (**ба** for)
иқтисод	*n.* economy
илова кардан	*v.* to add
интиқол	*n.* transfer
ирсол	*n.* deposit
истеъмол	*n.* use, usage, application
йод	*n.* iodine
кабудӣ	*n.* greens, fresh herbs
кадом	*pron., adj.* which?
каду	*n.* pumpkin, gourd; squash
кам	*adj.* a little; not enough
Канада	*n.* Canada
карам	*n.* cabbage
картошка	*n.* potato
кашнич	*n.* cilantro
киса	*n.* pocket
кишвар	*n.* country
кишмиш	*n.* raisins (= **мавиз**); type of grape used to make raisins
кокакола	*n.* Coca Cola
кор кардан	*v.* to work
корд	*n.* knife
кӯҳна	*adj.* old (of things)
қадаҳ	*n.* glass (for wine)
Қазоқистон	*n.* Kazakhstan
қаймоқ	*n.* sour cream
қаланфур	*n.* pepper
қаланфури булғорӣ	*n.* green pepper
қалбакӣ	*adj.* false; spurious, forged
қандак	*adj.* small sweet apricot
қандалот	*n.* candy
қассоб	*n.* butcher
қатор	*n.* row; line
қаҳва	*n.* coffee



қимат	*adj.* expensive; costly
Қирғизистон	*n.* Kyrghyzstan
қошуқ	*n.* spoon
қулфинай	*n.* strawberry
лаблабу	*n.* beet
лағмон	*n.* *laghman* (noodle dish)
лимонад	*n.* lemonade
лимӯ	*n.* lemon
лӯбиё	*n.* beans, black-eyed peas, and similar legumes
мавиз	*n.* raisins, sultanas (= **кишмиш**)
мавизи сиёҳ	*n.* black raisins
мағз	*n.* kernel
мағздона	*n.* nuts
мағозаи хӯрокворӣ	*n.* grocery store
май	*n.* wine
макарон	*n.* macaroni; pasta
манат	*n.* *manat* (Turkmen currency)
марҳамат	*interj.* please; here you are; here you go
маст	*adj.* drunk
маҳсулот	*n.* product, produce
машғул шудан	*v.* to be busy (**бо** with)
мева	*n.* fruit
милиса	*n.* militia, police
модда	*n.* nutrient
моҳӣ	*n.* fish
мубодила	*n.* exchange
мубодилаи арз / асъор / пул	*n.* currency exchange, money exchange
мувофиқ омадан	*v.* to coincide, concur, agree (**бо** with)
Муғулистон	*n.* Mongolia
мураббо	*n.* jam, jelly
мурғ	*n.* chicken
мурғобӣ	*n.* duck
муроҷиат кардан	*v.* to apply, turn, appeal (**ба** to)
мурч	*n.* black pepper





мушкилӣ	*n.* difficulty
намак	*n.* salt
нарх	*n.* price; worth, value; cost
нафақа	*n.* pension
нафақахӯр	*n.* pensioner
наход	*interj., adv.* really
нахӯд	*n.* pea(s)
нахӯди сабз	*n.* green pea
Нигар!	*interj.* Look here!
нигоҳ доштан	*v.* to keep, preserve, retain; maintain
нигоҳ кардан	*v.* to look at, examine, scrutinize
нишон додан	*v.* to show
нок	*n.* pear
нон	*n.* bread
нонвойхона	*n.* bakery
норинҷ	*n.* orange (fruit, = **афлесун**)
нуқта	*n.* point, place
